Серия: Моликияти зеҳнӣ барои корчалонӣ | Рақами : 1

# Офаридани тамға

Муқаддима ба мавзӯи “Тамғаҳои молӣ барои муассисаҳои хурд ва миёна дар Тоҷикистон

Маркази миллии патенту иттилоот

Нашр дар силсилаи «Моликияти зеҳнӣ барои тиҷорат»:

1. Эҷоди (офаридани) нишон: Муқаддима ба мавзӯи «Тамғаҳои молӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 900.

2. Кушиш ба камолот: Муқаддима ба мавзӯи «Намунаҳои саноатӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 498.

3. Ояндаро ихтироъ намуда: Муқаддима ба мавзӯи «Патентҳо барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 917.

4. Ибораи эҷодкунанда: Муқаддима ба мавзӯи «Ҳуқуқи муаллифӣ барои корхонаҳои хурд ва миёна». Нашри СУМЗ № 918.

Ҳамаи нашрияҳо дар мағозаи китоби электронии СУМЗ дар сайти: www.wipo.int/ebookshop мавҷуданд.

**Эзоҳ:** Иттилооте, ки дар дастурамали мазкур вуҷуд дорад, мақсади ба даст овардани маслиҳатҳои ҳуқуқии касбиро надорад. Мақсади асосии он бо пешниҳоди иттилооти хусусияташон умумӣ маҳдуд карда мешавад.

Ин китобча бо иҷозати пешакии расмии Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ), дорандаи ҳуқуқи муаллиф ба матни аслии англисӣ, ки дар сомонаи **www.wipo.int/sme/en/documents/guides./** дастрас аст, мувофиқ ва интишор шудааст.

Бинобар ин СУМЗ барои дақиқ ва дурустии матни мувофиқшуда ҷавобгар нест, чунки ин ҷавобгарӣ бар дӯши Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.

**©ММПИ (с.2011)**
СУМЗ дорандаи ҳуқуқи муаллиф ба тафсири англисизабонии аслӣ (с.2006) мебошад.

Ягон қисме аз нашрияи мазкур наметавонад интишор гардад ва ё бо ягон шакле ва ё бо ягон воситаи электронӣ ва ё механикӣ бидуни иҷозати хаттии дорандаи ҳуқуқи муаллиф вогузор карда шавад, ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун иҷозат додааст.

www.wipo.int/sme/

# Пешгуфтор

Дастурамали мазкур нашрияи аввалин аз силсилаи дастурамалҳои “Моликияти зеҳнӣ барои корчалонӣ” ба ҳисоб меравад. Ин дастурамал ба тамғаҳои молӣ бахшида шуда, унсури асосии стратегияи маркетинг ва брендинги ҳар як ширкат ба ҳисоб меравад..

Мақсади дастурамали мазкур аз шарҳи моҳияти тамғаҳои молӣ аз нуқтаи назари дурнамои рушди корчалонӣ иборат буда хусусияти амалиявиро дорад, чаро ки шарҳҳо бо намунаҳои ранга обуранг дода шуда барои фаҳмиши хонандагон осон аст..
Дар назар дошта мешавад, ки муассисаҳои хурду миёна ин дастурамалро метавонанд тариқи ба онҳо ворид намудани стратегияи омодакардашуда дар қисми тамғаҳои молӣ дар бизнес-стратегияи маҷмӯии худ истифода намоянд. СУМЗ барои ба даст овардани дархостҳо аз хонандагон барои дар оянда беҳтар намудани матни дастурамал бо мақсади он ки то андозаи муайян ба талаботи муассисаҳои хурду миёнаи ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ҷавобгӯ бошад, умед дорад.

Вариантҳои ин Дастурамал, ки ба кишварҳои гуногун мутобиқ карда шудааст, мумкин аст дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои миллӣ ва ташкилотҳо омода шаванд, ки барои ба даст овардани тавсияҳо аз рӯи чунин мутобиқкунӣ метавонанд ба СУМЗ муроҷиат намоянд..

## Мундарича

Саифа


1. Тамғаҳои молӣ 3

2. Ҳифзи тамғаҳои молӣ 6

3. Намуди тамғаҳои молӣ 15

4. Истифодабарии тамғаҳои молӣ 17

5. Ҳифзи ҳуқуқӣ ба тамғаҳои молӣ 21




# 1. Тамғаҳои молӣ

### Тамғаи молӣ чист?

Тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ (дар оянда – тамғаи молӣ) – аломатест, ки барои фардикунонии молҳо, корҳои иҷрошаванда ва ё хизматрасониҳои (дар оянда – молҳо) шахсони ҳақиқӣ ва ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулшаванда, хизмат мерасонанд (моддаи 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ")

Дар асл, тамғаи молӣ метавонад ҳар як калима, ҳарфҳо, рақамҳо, расмҳо, тасвир, аломатҳои ҳаҷмӣ, рангҳо, логотипҳо, тамғақоғазҳо ва ё вобастагии онҳо, ки қобилияти фарққунандагӣ дошта барои фарққунии молҳо ва хизматҳо истифода бурда мешавад, шуда метавонанд Дар баъзе аз кишварҳо, аз ҷумла дар ҶТ, слоганҳо (шиорҳои рекламавӣ) низ тамғаҳои молӣ ба ҳисоб меравand ва метавонанд маҳз дар ҳамон намуд дар идораи миллӣ доир ба тамғаҳои молӣ ба қайд гирифта шаванд Миқдори зиёди кишварҳо ҳамчунин адади ками намудҳои миллии тамғаҳои молии худро, аз ҷумла, аломатҳое, ки танҳо аз рангҳои алоҳида, аломатҳои ҳаҷмӣ (шакли сохтаҳо ва бастаҳо), аломатҳои овозӣ (овозҳо) ва ё аломатҳои бӯӣ иборатанд, барои бақайдгирӣ роҳ медиҳанд. Аммо аксарияти кишварҳо як қатор маҳдудиятҳоро нисбати он аломатҳо, ки мумкин аст ба сифати тамғаи молӣ ба қайд гирифта шаванд, чун қоида, танҳо ҳамон тамғаҳоро ба қайд мегиранд, ки ба назар мерасанд ва ё мумкин аст ба намуди графика пешниҳод карда шаванд.

Мисолҳо

Калима:

**ИСТИҚЛОЛ**

Чоп шудааст бо иҷозати: Собиров А.А.

Нишони тасвирӣ:



Бо иҷозат ба вуҷуд овардашудааст ҶСММ «АГРОТЕХСЕРВИС»

Комбинатсияи ҳарфҳо бо унсурҳои тасвирӣ:




Бо иҷозат ба вуҷуд овардашудааст Сангинов Шузрат

Тамғаи ҳаҷмӣ (шакли мол):




Toblerone®: тамғаи молии барои бақайдгирӣ ташудаи ширкати the Kraft Foods Group ©1986 мебошад

## Тамғаи молӣ барои чӣ хизмат мерасонад?

Мақсади асосии тамғаи молӣ аз он иборат аст, ки ба истеъмолкунандагон имконияти фардикунонии молҳои кадом як ширкатро диҳад ва онҳоро аз молҳои (хизматҳо) ҳаммонанд ва яхкелаи пешниҳоднамудани рақибон фарқ намояд. Истеъмолкунандагоне, ки сифати молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) аниқ онҳоро ба пуррагӣ қонеъ мегардонад, яқин ин молҳоро аз нав мехаранд ва ё аз ин хизматрасониҳо ва корҳои иҷрошаванда дар оянда истифода мебаранд.Барои ҳамин онҳо бояд имконияти осон фарқ кардани молҳои яхкела ва ҳаммонандро (корҳо, хизматрасониҳо) аз дигарашон дошта бошанд.

Ба ширкатҳо имконияти фарқ кардани маҳсулоти истеҳсолкардаашонро аз маҳсулоти рақиб дода (зери мафҳуми маҳсулот на танҳо мол инчунин кор ва хизматрасонӣ фаҳмида мешавад), тамғаҳои молӣ дар стратегияи брединг ва маркетинги ширкат мақоми хосро мебозанд ва шӯҳрати маҳсулоти ширкатро дар назари истеъмолкунанда баланд мебардорад. Шӯҳрат боварӣро ба вуҷуд меорад, ки барои пайдо шудани мизоҷони доимии ширкат хизмат мерасонад. Харидорон аксар вақт дилгармиро ба баъзе аз молҳо вобаста аз дараҷаи сифатнокӣ ва тавсифи молҳои дилхоҳ ба ингуна тамғаҳои молӣ, дар худ мепарваранд.

Ғайр аз ин, тамғаҳои молӣ барои болоравии сармоягузории ширкатҳо дар нигоҳдорӣ ва беҳтаргардонии сифати маҳсулоти худ мусоидат менамояд, то ки молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бо тамғаҳои молии онҳо шӯҳратманд бошанд.

## Қимати тамғаҳои молӣ

Тамғаи молии бо диққат офаридашуда ва ба фурӯш баровардашуда барои аксарияти ширкатҳо активҳои гаронбаҳои корӣ ба ҳисоб меравад. Барои баъзе аз ширкатҳо ин тамғаҳои молӣ метавонад активи гаронбаҳотарин бошанд. Нархи тамғаҳои бештар дар ҷаҳон маъруф дар соли 2011 барои ширкати Apple 153,285 млрд дол-лар, бренд Google 111,498 млрд долларро ташкил медиҳад. Ба қатори дахтои аввал инчунин McDonald's, дохил шудааст, ки бренди он 81,016 миллиард доллар, Microsoft (78,243 миллиард), Coca-Cola (73,752 миллиард). Ин ба он вобаста аст, ки истеъмолкунандагон тамғаҳои молӣ, шӯҳрат ва сифати онҳоро, ки бо тамға монанд мекунанд ва омода ҳастанд барои маҳсулоти тамғадор, ки ба бовариашон даромада ба талаботи онҳо ҷавобгӯ ҳастанд, маблағи зиёд диҳанд. Ба ҳамин тариқ, танҳо мавҷудияти тамғаи молӣ бо шӯҳрату обруи мусбӣ ба дорандаи он дар мубориазаи рақибона бартарият медиҳад.

Чоп шудааст бо иҷозати: IBM Deutschland GmbH

## Чаро ширкати Шумо тамғаи молиро (тамғаҳои молиро) бояд ҳифз намоянд?

Гарчанде аксарияти муассисаҳо зарурияти мақоми истифодабарии тамғаҳои молиро барои фарққунии тамғаҳои худ аз маҳсулоти рақибон мефаҳманд, аммо на ҳама муҳимияти ҳифзи онҳоро тариқи бақайдгирии тамғаҳо дарк мекунанд.

Бақайдгирие, ки тибқи қонунҳои тамғаҳои молӣ ба даст оварда шудааст, ба ширкати Шумо ҳуқуқи истисноиро барои манъи фурӯши молҳои яхкела ва ҳаммонанд бо истифодабарии тамғаи молии шумо ва ё тамғаи ба он монанд то дараҷаи омехташавӣ пешниҳод менамояд.

Ҳангоми набудани чунин бақайдгирӣ сармоягузорӣ дар фурӯши маҳсулот дар бозор мумкин аст бефоида бошад, зеро ки ширкатҳои рақиб метавонанд тамғаҳои молии то дараҷаи омехташавӣ монандро нисбат ба молҳои яхкела ва ё ҳаммонанд истифода баранд. Агар рақиб ба истифодабарии тамғаи молии шабеҳ ва ё ба тамғаи шумо монанд шурӯъ намояд, он гоҳ истеъмолкунанда гумроҳ шуда, моли рақибро моли ширкати шумо гумон карда, харидорӣ менамояд. Ин на танҳо даромади ширкати шуморо кам мекунад ва харидорро ба гумроҳӣ мебарад, балки ба обруй ва шӯҳрати ширкати шумо зарар меорад, хусусан, агар маҳсулоти рақиб пастсифат бошад.

Гаронбаҳо ва муҳимияти тамғаи молиро барои ба даст овардани муваффақияти маҳсулот дар бозори тамғаи молӣ ва хизматрасонӣ ба назар гирифта, таъмини бақайдгирии он нисбат ба ҳамаи маҳсулоти истеҳсолшаванда, бениҳоят зарур аст.

Ғайр аз ин, тамғаи молии бақайдгирифташуда мавзӯи додани иҷозатнома ба дигар ширкат ба ҳисоб меравад, ки сарчашмаи даромади иловагии ширкати шуморо таъмин менамояд ва ё метавонад ба сифати замина барои созишнома доир ба франшиз (шартнома дар бораи консессияи тиҷоратӣ) хизмат намояд.

Дар як қатор ҳолатҳо, тамғаи молии бақайдгирифташуда, ки дар назди истеъмолкунанда шӯҳрат дорад мумкин аст барои ба даст овардани маблағгузорӣ аз тарафи сохторҳои бонкӣ, ки ҳамаи онҳо ба дарки муҳимияти брендӣ барои ба даст овардани натиҷаҳо дар корчалонӣ шурӯъ мекунанд, истифода бурда шавад.

## Тамғаҳои молӣ:

- ба истеъмолкунандагон имконияти фарққунии молҳоро медиҳад;;
- ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки маҳсулоти худро ҷудо намоянд;
- воситаи маргетинг ва замина барои сохтани обру ва шӯҳрат хизмат мерасонад.;
- метавонанд литсензия карда шаванд ва сарчашмаи мустақими даромадҳо дар намуди ҳисобиҳои литсензионӣ (роялти) хизмат мекунанд;
- унсури асосии шартнома дар бораи консессияи тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад;
- метавонанд активи гаронбаҳои корӣ ба ҳисоб раванд;
- ширкатҳоро дар сармоягузории воситаҳо барои нигоҳдорӣ ва ё беҳгардонии сифати молҳо ҳавасманд мегардонад;
- метавонанд барои ҷалби маблағҳои иловагӣ фоидаовар бошанд.

## 2.Ҳифзи тамғаҳои молӣ

### Тамғаи молии ширкати шумо чи гуна ҳифз карда мешавад?

Ҳифзи тамғаи молӣ мумкин аст бо роҳи бақайдгирӣ (дар ҶТ маҳз тартиби бақайдгирии гирифтани ҳифзи ҳуқуқӣ вуҷуд дорад), аммо дар баъзе аз кишварҳо инчунин дар натиҷаи истифодабарии он ба даст оварда шавад. Ҳатто дар ҳолатҳое, ки тамғаҳои молӣ мумкин аст дар натиҷаи истифодабарӣ ҳифз карда мешаванд, ба ширкатҳо тавсия дода мешавад, ки тамғаро бо роҳи пешниҳоди аризнома ба идораи патентии доир ба тамғаи молӣ ба қайд гиранд (баъзе аз идораҳо доир ба тамғаҳои молӣ метавонанд чунин аризномаҳоро дар шакли электронӣ қабул намоянд). Бақайдгирии тамғаи молӣ ҳифзи боэътимодро, хусусан, дар ҳолатҳои бархурди ҳуқуқҳо бо тамғаҳои молии шабеҳ ва ё то дараҷаи омехташавӣ монанд, пешниҳод менамояд. Ҳангоми бақайдгирии тамғаи молӣ истифодабарӣ аз хизматҳои намояндагони патентӣ хеле муфид аст (дар баъзе аз кишварҳо ин ҳатмӣ аст: дар ҶТ танҳо аризномадеҳони хориҷӣ, шаҳрвандони ҶТ, ки берун аз ҳудуди кишвар зисти муқимӣ доранд ҳатман бояд аз хизматрасонии намояндагони патентӣ истифода баранд, агар шартномаҳои байналмилалии ҶТ шартҳои дигарро пешбинӣ накарда бошад.

### Оё бақайдгирии номҳои ширкатӣ кифоя аст?

Аксарият бар он ақидаанд, ки бақайдгирии муассисаи худ ва номи ширкатии он дар феҳристи муассисаҳо ва ташкилотҳо якбора ҳифзи ин номро ба сифати тамғаи молӣ ба даст меоранд. Ин бешубҳа гумроҳии паҳншуда аст. Бинобар ин фаҳмиши фарқи байни номҳои ширкатӣ ва тамғаҳои молӣ бениҳоят муҳим аст.

Номҳои ширкатӣ - ин номи пурраи шахси ҳуқуқӣ аст, ки зери он ин ном дар гардиши шаҳрвандӣ дохил мешавад, масалан: Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди "Ситора", ки худи шахси ҳуқуқиро ҳаммонанд ва фардӣ менамояд, онро дар байни дигар шахсони ҳуқуқӣ ҷудо мекунад/

Ба номҳои ширкатӣ нишондод ба шакли ташкилию ҳуқуқии он (масалан, Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди (ҶММ), Ҷамъияти саҳомии кушода (ҶСК), Ҷамъияти саҳомии пӯшида (ҶСП) ва ғайра) ва номи шахси ҳуқуқӣ, ки наметавонад танҳо аз калимаҳои намуди фаъолиятро нишондиҳанда иборат бошад, дохил карда мешавад. Ҳангоми нишон додани шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ наметавонад ихтисораҳо ба монанди Ltd., Inc. ва ё дигар ихтисораҳои ҳаммонанд, ки хусусияти ташкилию ҳуқуқии ширкатро дар юрисдиксияҳои хориҷӣ инъикос мекунанд, истифода бурда шаванд.

Бар хилофи ин, тамғаи молӣ аломате ба ҳисоб меравад, ки барои фарқ кардани молҳои ширкати шумо аз маҳсулоти дигар ширкатҳо пешбинӣ шудаанд. Ба ширкатҳо мумкин аст тамғаҳои гуногуни молӣ дахл дошта бошанд. Масалан, ширкати «Blackmark International Ltd.» метавонад яке аз намудҳои маҳсулоти худро зери тамғаи молии BLACKMARK, дигар намудро бо истифода аз тамғаи молии REDMARK фурӯшад. Ширкатҳо метавонанд тамғаи молии худро барои фардикунонии ё ҳамаи молҳо ва ё самти муайяни молҳо ё кадом як моли истеҳсолкунандаи ширкат истифода барад. Баъзе аз ширкатҳо метавонанд инчунин номи ширкатии худро ва ё қисми онро ба сифати тамғаи молӣ истифода баранд, аммо барои ин онҳо бояд онро ба сифати тамғаи молӣ ба қайд гиранд.

### Ки ҳуқуқ дорад аризномаро ба тамғаи молӣ пешниҳод намояд?

Дар бисёр кишварҳо ҳар шахс, ки нияти истифодабарии тамғаи молӣ ва ё ҳуқуқи вогузоркунии онро ба истифодабарии шахси сеюм вогузор мекунад, метавонад барои бақайдгирӣ аризнома пешниҳод намояд. Онҳо метавонанд ҳам шахси ҳақиқӣ ва ҳам шахси ҳуқуқӣ бошанд.

### Оё бақайдгирии тамғаи молӣ ҳатмист?

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи ҳатмиро барои бақайдгирӣ ба сифати тамғаи молӣ ва ё тамғаи хизматрасонӣ, ки ширкат, ташкилот, соҳибкори инфиродӣ барои фардикунонии (аламатгузории) молҳо, корҳо ва хизматрасониҳои худ истифода мебарад, пешбинӣ накардааст. Аммо, ҳарчанд ки ин ҳатмӣ ба ҳисоб намеравад, вале қатъиян тавсия дода мешавад, чунки чунин бақайдгирӣ, аз ҷумла, ҳуқуқи истиноии пешгирӣ намудани ғайриқонунӣ истифодабарии тамғаи молиро пешниҳод менамояд..

### Сабабҳои асосӣ барои рад кардани бақайдгирӣ кадомҳоянд?

Ҳангоми интихоби тамғаи молӣ донистани он ки кадом аломатҳо одатан ба сифати тамғаи молӣ ба қайд гирифта намешаванд, муфид аст. Аризномаҳо ба тамғаҳои молӣ, аз рӯи одат, бо таъсири ба номаш "асоснокии қатъӣ" барои рад кардани бақайдгирӣ дар ҳолатҳои зерин баргардонида мешавад:

- **Истилоҳоте, ки дар истифодабарии умум барои аломатгузории молҳои намудашон муайян дохил.** Масалан, агар ширкати шумо хоҳиши бақайдгирии тамғаи молии "Курсӣ" ро барои фурӯши курсиҳо дошта бошад, дар бақайдгирии тамғаи молӣ рад карда мешавад, чунки "курсӣ" маҳз ҳамон истилоҳ нисбат ба чунин намудаи мол аст.
- **Истилоҳоти тавсифӣ.** Ин калима, ки одатан дар тиҷорат барои тавсифи моли муайян истифода бурда мешавад. Масалан, аломати "Ширин" эҳтимол ба сифати тамғаи молӣ барои фурӯши шоколад ба қайд гирифта намешавад, чунки ин аломат хусусияти тавсифӣ дорад. Дарҳақиқат, ноодилона мебуд агар ба касе аз истеҳсолкунандагони шоколад ҳуқуқи истисноӣ барои истифодабарии калимаи "ширин" барои фурӯши маҳсулоташ пешниҳод карда шавад. Ба ҳамин намуд, чунин истилоҳоти тавсифӣ ва ё таърифӣ ба монанди "Тез", "Беҳтарин", "Классикӣ" ва ё "Иноватсионӣ", эҳтимол, инчунин рад карда мешаванд, агар онҳо яке аз унсурҳои тамға, ки қобилияти фарқкунандагӣ доранд, ба ҳисоб нараванд. Дар ин ҳолатҳо мумкин аст зарурати ба шаҳодатнома ба тамғаи молӣ ворид намудани нишондод дар бораи он, ки ингуна унсури тамға аз ҳифзи ҳуқуқӣ хориҷ карда мешавад ва ба он ҳуқуқи истисноӣ паҳн намешавад.
- **Тамғаҳои молие, ки ба иштибоҳ меоранд.** Ин чунин тамғаҳое, ки бардуруғанд ва ё истеъмолкунандаро нисбати хусусият, сифат ва ё ишораҳои ҷуғрофии номи ҷои пайдоиши мол ба гумроҳӣ мебаранд. Масалан, аризнома ба тамғаи молӣ, ки калимаи Гов ва ё тасвири онро барои фурӯши маргарин дорад, эҳтимол, рад карда мешавад, чунки чунин тамға ҳамчун ба иштибоҳ андохтани истеъмолкунанда баррасӣ карда мешавад, ки эҳтимол, чунин тамғаро бо маҳсулоти ширӣ монанд мекунанд (дар ин ҳолат бо равған).
- **Тамғаҳое, ки зидди манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ё принсипҳои ахлоқӣ ҳастанд.** Калимаҳо ва тасвирҳо ва ё мувофиқати онҳо, ки ҳамчун зид будан ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва принсипҳои ахлоқӣ, ва динӣ баррасӣ карда мешаванд, ҳамчун тамғаи молӣ ба қайд гирифта намешаванд.
- **Парчам ва нишонҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байнидавлатии байниҳукуматӣ**, ки дар бораи онҳо ба Бюрои байналмилалии СУМЗ хабар дода шуда буданд, чун қоида, ба қайд гирифта намешаванд.

www.wipo.int/sme/

Ҳангоми бархӯрди тамғаи барои бақайдгирӣ пешниҳодшуда бо ҳуқуқҳои мавҷуда ба тамғаҳои молии дигар шахсон, аризномаҳо бо “далелҳои нисбӣ” барои рад кардан дар бақайдгирӣ рад карда мешаванд. Мавҷудияти ду тамғаи молии шабеҳ (ва ё ба ҳам монанд), ки нисбати ҳамон намуди молҳо ба қайд гирифта шудаанд, мумкин аст истеъмолкунандаро ба иштибоҳ андозад Баъзе аз идораҳо доир ба тамғаҳои молӣ (масалан, ба монанди Тоҷикистон) ҳатман барои муайян намудани мавҷудияти чунин бархурдҳо бо тамғаҳои аллакай вуҷуддошта, аз ҷумла тамғаҳои маъруфи бақайднагирифташуда санҷиш мегузаронанд, дар он ҳоле ки аксарияти идораҳои дигар инро дар ҳолате анҷом медиҳанд, ки агар бақайдгирии тамғаи молӣ баъд аз нашр аз ҷониби сеюм мубоҳиса карда шавад Аз рӯи қоидаи умумӣ, агар тамғаи молӣ бо тамғаи молии мавҷуда нисбат ба молҳои ҳаммонанд ва яхкела (ва ё пештар арзшуда, аммо ҳоло ба қайд гирифтанашуда) шабеҳ ва ё монанд то дараҷаи омехтакунӣ ҳисобида шавад, аризнома баррасӣ карда намешавад ва ё бақайдгирии тамға бекор карда мешавад. Аз ин қоидаи умумӣ дар ҶТ истисно вуҷуд дорад – агар розигии дорандаи ҳуқуқи чунин тамғаи пештар (бо аввалияти пештар) барои бақайдгирии тамғаи молии дертар (яъне бо аввалияти дертар) вҷуд дошта бошад, он гоҳ идора метавонад чунин тамғаи молиро ба қайд гирад.

Ба ҳамин тариқ, боақлона мебуд, агар тамғаҳои молие, ки то дараҷаи омехташавӣ бо тамғаҳои мавҷудаи дигар шахсон монанд, истифода бурда нашаванд.

## Ҳангоми интихоб ва ё офаридани тамғаи молӣ чиро бояд дар ёд дошт?

Интихоб ва ё офаридани тамғаи молӣ қадами муҳим ба ҳисоб меравад, чунки ин унсури муҳими стратегияи маркетингии ширкат аст Кадом тамғаи молӣ барои маҳсулоти шумо мувофиқ аст? Комилан маълум аст, ки қоидаҳои дақиқ муайяншуда ва сохташуда барои ин вуҷуд надорад. Ба ҳар ҳол, номгӯи дар поён овардашуда, ки аз панҷ банд иборат аст, мумкин аст фоидаовар бошад.

## Амале, ки ҳангоми интихоби тамғаи молӣ тавсия карда мешаваде

- Боварӣ ҳосил кунед, ки тамғаи молии интихобкардашуда ба ҳамаи талаботи ҳуқуқии бақайдгирии он мувофиқ аст (асос барои рад дар бақайдгирӣ ниг. Боло, саҳ 7).
- Нисбати тамғаҳои молӣ санҷиши пешакӣ гузаронед, то ки боварӣ ҳосил кунед, ки ин тамғаи молӣ бо тамғаҳои молии мавҷуда шабеҳ ва то дараҷаи омехташавӣ монанд нест (ниг. саҳ. 11)..
- Боварӣ ҳосил кунед, ки тамғаи молӣ осон хонда, навишта, талаффуз ва аз ёд карда мешаванд, инчунин мумкин аст дар ҳамаи воситаҳои рекламавӣ истифода бурда шавад..
- Боварӣ ҳосил кунед, ки тамға дар забони миллӣ ва ё яке аз забонҳои хориҷии кишварҳои содиркунанда ягон маънои дигари номатлуб надорад.
- Боварӣ ҳосил кунед, ки номи домени дахлдори Интернет барои бақайдгирӣ озод аст (иттилооти муфассалтар доир ба алоқамандии байни тамғаҳои молӣ ва номи доменҳои Интернет дар саҳ 19 оварда мешавад).

Ҳангоми интихоби як ва ё якчанд калима ба сифати тамғаи молӣ шумо низ бояд натиҷаҳои имконпазири интихоби намудҳои зерини калимаҳоро ба назар гиред:

- **Хаёлӣ ва калимаҳои “ғайриоддӣ”.** Калимаҳои бофтаи хаёлӣ вуҷуд доранд, ки ягон маънои муайян ва ё моҳият надоранд. Бартарияти чунин калимаҳо дар он аст, ки онҳо осонакак ҳифз ба даст меоранд, чунки онҳо аниқтараш, ҳамчун дорандаи қобилияти фарққунандагӣ баррасӣ карда мешаванд. Аммо, дар баъзе ҳолатҳо, камбудии тамғаҳои молии хаёлӣ мушкилии муайяни онҳоро бахотиргирии истеъмолкунандагон ба ҳисоб меравад, ки маблағҳои зиёдро барои рекламаи маҳсулот талаб мекунад.

**Масалан:**

Kodak: тамғаи молии барои бақайдгирӣ ташудаи ширкати Eastman Kodak Company мебошад.

Чоп шудааст бо иҷозати: Eastman Kodak Company

- **Тамғаҳои шартӣ:** Ин калима, ки аҳамияти маъноӣ дорад, аммо ба маҳсулоте, ки реклама мекунанд, ягон муносибат надорад. Гарчанд чунин намуди тамғаҳо низ осонакак ҳифз ба даст меоранд, онҳо метавонанд ба рекламаи васеъ барои дар истеъмолкунандагон офаридани алоқаҳои мувофиқатӣ байни чунин тамғаҳо ва маҳсулот эҳтиёҷ дошта бошанд.

**Масалан**: тамғаи молии ELEPHANT (Фил) барои телефонҳои мобилӣ

- **Тамғаҳои монандкунӣ (таъсирбахш)** Ин тамғаҳо дар бораи як ва ё якчанд тавсифи молҳо ба андеша мебарад. Ба худ ҷалбкунии чунин тамғаҳо аз он иборат аст, ки онҳо як шакли рекламаи маҳсулотро дар худ таҷассум мекунанд. Аммо таваккалиҳое вуҷуд доранд, ки баъзеи кишварҳо тамғаи мувофиқатиро

**Мисол:** тамғаи молии SUNNY (Офтобӣ), ки барои фурӯши гармкунакҳои барқӣ истифода бурда мешаванд, “ишора ба он мекунад”, ки ин маҳсулот барои гармигузаронӣ ва нигоҳдории ҳарорати бароҳат пешбинӣ шудааст. Аммо баъзе аз идораҳо доир ба тамғаи молӣ метавонанд чунин тамғаро аз ҳад зиёд тавсифӣ ҳисобанд, ба ҳамин тариқ , ин тамға ба қайд гирифта намешавад.

Новобаста аз намуди интихобии тамға, муҳим аст аз қалбакикории тамғаи молии мавҷуда даст кашид. Баъзе дигаргуниҳои видеоии тамғаи молии рақиб, тамғаи молии маъруф ва ё маълум, масалан, дониста ба он ворид намудани хатоҳои орфографӣ, ба гумон аст, ки бақайд гирифта шавад.

**Масалан:** EASY WEAR тамғаи молии бақайдгирифташуда барои либосҳои ҷавонон ба ҳисоб меравад. Беандешона мебуд фурӯхтани молҳои ҳаммонанд ва ё яхкела, бо истифода аз тамғаи молии EASY WEAR, чунки эҳтимол ин тамға ҳамчун тамғаи то дараҷаи омехташавӣ монанд бо тамғаи молии мавҷуда баррасӣ карда шуда, дар гумон аст, ки ба қайд гирифта шаванд.

# Бақайдгирии тамғаи молӣ: қадам ба қадам

## Арзномадеҳ

Арзномадеҳ ҳамчун қадами аввал арзномаи дуруст пур кардашударо ба тамғаи молӣ, ки маълумот дар бораи ширкат, тасвири тамға (андозаҳояшон мумкин аст муқаррар карда шаванд), номгӯи молҳо ва хизматрасониҳо, бо нишондоди синф ва ё синфҳо, ки нисбати онҳо муассисаи Шумо хоҳиши ба даст овардани ҳифзи тамғаи молӣ, инчунин пардохти боҷҳои муқаррар-шударо дорад, бояд пешниҳод намояд.

Бояд қайд намуд, ки баъзе аз идораҳо доир ба тамғаҳои молӣ (масалан, ШМА ва Канада) инчунин метавонанд пешниҳоди далели истифодабарии тамға ва ё декларат-сияро доир ба нияти истифодабарии ин тамғаи молӣ талаб намоянд. (Идораҳои дахлдор доир ба тамғаҳои молӣ иттиллоти дақиқтаринро нисбати тартиби пешниҳод ва баррасии арзномаҳо пешниҳод менамоянд). Қонунгузории ҶТ чунин талаботро надорад, бинобар ин пешниҳоди кадом як ҳуҷҷат, ки истифодабарии аломати арзшударо тасдиқ мекунад, зарурат надорад. Одатан бақайдгирии тамғаи молӣ нисбати ҳамаи молҳо ва хизматрасониҳо истифода бурда намешавад

## Идора доир ба тамғаи мол.

Қадамҳое, ки идора доир ба тамғаҳои молӣ барои бақайдгирии тамға кӯшиш менамояд, вобаста аз кишварҳо, аслан онҳо раванди монандиро пайгирӣ менамоянд

**Санҷиши расмӣ:** идора доир ба тамғаи молӣ санҷиши арзномаҳоро дар мавзӯи мувофиқати он бо талаботи расмӣ мегузаронад (яъне дурустии пуркунии арзномаи пешниҳодшаванда ва пардохти боҷ барои пешниҳоди арзнома санҷида мешавад).

**Санҷиши моҳиятӣ:** дар баъзеи кишварҳо, аз ҷумла дар ҶТ, идора доир ба тамғаи молӣ санҷиши арзномаро дар мавзӯи барқароркунии мувофиқатии он ба талаботи моҳиятӣ мегузаронад (яъне оё тамға ба он гурухе, ки тибқи қонунгузорӣ доир ба тамғаҳои молӣ бояд ба қайд гирифта шаванд, дохил мешавад ва оё тамға ҳуқуқҳои тамғаҳои молии аллакай вуҷуддоштаи нисбати синфи дахлдор

**Нашр ва пешниҳоди шикоят .** Дар аксарияти кишварҳо тамғаҳои молӣ дар нашрияҳои расмӣ нашр карда шуда, ба шахсони сеюм дар давраи мукарраршуда имконият барои эътироз зидди бақайдгирии он медиҳад. Дар як қатор дигар кишварҳо, аз ҷумла дар ҶТ, тамғаи молӣ танҳо баъд аз бақайдгирии он (яъне баъд аз қарори мусбиро аз рӯи арзнома қабул кардани экспертиза, пардохти боҷ аз тарафи арзномадеҳ барои бақайдгирии тамғаи молӣ ва додани шаҳодатнома ба тамғаи молӣ ва ворид намудани он ба Феҳристи давлатии тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасон ҶТ) бо пешниҳоди мӯҳлати муайян барои додани эътироз дар бораи бекор кардани бақайдгирӣ нашр карда мешавад

**Бақайдгирӣ:** дар ҳолати набудани асос барои рад, тамғаи молӣ ба қайд гирифта мешавад ва ба он шаҳодатнома ба тамғаи молӣ, ки ҳуқуқи истисноиро ба тамғаи молӣ нисбат ба молҳо ва хизматрасониҳои муайян тасдиқ мекунад дода мешавад. Дар ҶТ, ба мисли дигар кишварҳо, ҳуқуқи истисноӣ ба тамғаи молӣ ва ҳамзамон шаҳодатнома ба мӯҳлати 10 сол дода мешавад

**Тамдиди мӯҳлати эътибор.** Мӯҳлати эътибори бақайдгирии тамға мумкин аст ба мӯҳлати бемаҳдуд тариқи пардохти зарурӣ барои тамдид дароз карда шавад. Аммо бақайдгирӣ мумкин аст пурра ва ё нисбати танҳо баъзе аз молҳо ва хизматрасониҳо бекор карда шавад, агар тамғаи молӣ пайваста дар муддати се сол истифода бурда нашавад. Тамғаи молӣ вобаста ба истифоданабариаш бо ташаббуси шахси дахлдор (чун коида, ин рақиби дорандаи ҳуқуқи тамғаи молӣ, ки ин тамғаи молӣ ба ӯ дар гирифтани ҳифз барои тамғаи молии худ ва ё то андозаи монанди омехташавӣ халал мерасонад) бекор карда мешавад. Истифодабарии тамғаи молиро бояд дорандаи ҳуқуқ исбот намояд, шахси манфиатдор танҳо тасдиқ мекунад, ки тамға истифода бурда нашудааст.

# Барои бақайдгирии тамғаи молӣ чанд вақт талаб карда мешавад?

Вақте, ки барои бақайдгирии тамғаи молӣ зарур аст, дар кишварҳои гуногун ҳархела буда чун қоида аз 3 моҳ то 2 солро вобаста аз он ки идора доир ба тамғаи молӣ санҷиши моҳиятиро мегузаронад ё не, ташкил медиҳад. Дар ҶТ мӯҳлати гузаронидани санҷиши расмӣ 1 моҳро дар бар мегирад, санҷиши моҳиятӣ бошад, чун қоида дар муддати 1 моҳ аз ҷумла бинобар сабаби миқдори зиёди арзномаҳои барои бақайдгирии тамғаҳои молӣ ба идора воридшуда, гузаронида мешавад. Бояд зикр намуд, ки арзнома барои бақайдгирӣ пештар пешниҳод карда мешавад, то ки бақайдгирии он дар лаҳзаи истифодабарии тамға дар реклама ва ҳангоми фурӯши маҳсулоти дахлдор ба даст оварда шавад.

# Барои омодасозӣ, ҳифз ва истифодабарии тамғаи молӣ чи қадар маблағ зарур аст?

Муҳим он аст, ки дар буҷет ҳамаи маблағҳо барои сохтан ва бақайдгирии тамғаи молӣ ба назар гирифта шавад ва ба таври зарурӣ пешбинӣ карда шавад:

- Барои омодасозии логотип ва ё калимаҳо, ки ба сифати тамғаи молӣ истифода бурда мешавад, маблағҳо вуҷуд доранд, чунки аксарияти ширкатҳо барои ин кор ширкатҳои махсуси берунаро истифода мебаранд.
- Вобаста ба гузаронидани ҷустуҷӯи пешакӣ доир ба тамғаи молӣ маблағҳо вуҷуд доранд (ниг. ба поён).
- Вобаста ба раванди бақайдгирӣ, ки вобаста аз миқдори синфҳои молҳо ва хизматрасониҳо тағйирёбанда буда, барои фардикунонии онҳо бақайдгирии тамғаи молӣ пешбинӣ карда мешавад. Ин маблағҳоро асосан боҷҳои давлатӣ (пардохтҳои ҳатмӣ) ташкил медиҳанд, ки намуд ва андозаи онҳоро Ҳукумати ҶТ муқаррар менамояд. Иттилоот доир ба боҷҳо, ки бо тамғаҳои молӣ алоқаманд аст, дар веб-сайти ММПИ http://www.ncpi.tj/ ҷойгир карда шудаанд.
- Ширкатҳое, ки истифодабарии хизматрасонии намояндаи патентии касбиро барои бақайдгирии тамғаи молӣ беҳтар медонанд, бо маблағҳои иловагӣ рӯ ба рӯ мешаванд, вале, эҳтимол вақт ва қувваи зарурӣро дар раванди бақайдгирӣ сарфа менамоянд.

# Чи гуна бояд донист, ки тамғаи молии интихобшуда метавонад бо тамғаи молии аллакай бақайдгирифташуда дар задухӯрди ҳуқуқӣ қарор гирад? Ҷустуҷӯ аз рӯи тамғаҳои молӣ чи гуна аст?

Шумо метавонед аз рӯи тамғаи молӣ мустақилона ва бо истифода аз хизматрасониҳои намояндагони патентӣ ҷустуҷӯ гузаронед. Мумкин аст дар ММПИ ва ё бо истифода аз базаҳои маълумотии тиҷоратӣ доир ба тамғаҳои молӣ ҷустуҷӯ гузаронед. Чунин ҷустуҷӯ дар заминаи тарифҳо, андоза ва тартиби пардохти онҳо , ки дар сомонаи http://www.ncpi.tj/. Ҷойгир карда шудаанд, гузаронида мешавад. Мумкин аст базаи маълумотии тиҷоратӣ аз рӯи тамғаҳои молӣ истифода бурда шавад. Новобаста аз тарзи гузаронидани ҷустуҷӯ бояд дарк намуд, ки чунин ҷустуҷӯ аз рӯи тамғаҳои молӣ танҳо пешакӣ ба ҳисоб меравад. Баъзан ба хулосае омадан мушкил аст, ки тамғаи интихоб кардаи Шумо бо тамғаи молии мавҷудаи ба тарзи лозимӣ бақайдгирифташуда "то дараҷаи омехташавӣ монанд" ба ҳисоб намеравbooнд. Бинобар ин маслиҳат бо намояндаи патентии таҷрибанок, ки бо таҷрибаи идораҳо доир ба тамғаҳои молӣ ва қарорҳои судӣ шинос аст, хеле муфид аст.

www.wipo.int/sme/

Аммо то муроҷиат ба намояндаи патентӣ шумо метавонед санҷида бинед, ки оё ММПИ (ва ё ширкате, ки базаи маълумотиро нигоҳ медорад) ба базаи маълумотӣ доир ба тамғаҳои молӣ, ки аз рӯи он шумо метавонед мустақилона санҷиши пешакӣ гузаронед ба тариқи ройгон онлайн дастрас мегардонад. Рӯйхати базаи маълумотиро доир ба тамғаҳои молӣ мумкин аст дар веб-сайти СУМЗ бо суроғаи http://ecommerce/wipo/int/databases/trademark/ ба даст овардан мумкин аст

Молҳо ва хизматрасониҳо нисбати тамғаҳои молӣ, ки онҳо бояд фардӣ кунонида шаванд, аз рӯи синфҳо мувофиқи Синфбандии молҳо ва хизматрасониҳо (ниг. Системаи байналмилалии синфбандӣ дар Замимаи II) гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Ҳамин тариқ, шумо метавонед аз шиносой бо 45 синфи гуногуни молҳо ва хизматрасониҳо оғоз намоед

## Системаи мусоиди синфбандӣ

Ҳангоми пур кардани арзнома барои бақайдгирии тамғаи молӣ дар аксарияти кишварҳо нишондоди молҳо ва ё хизматрасониҳо талаб карда мешавад, ки нисбати онҳо шумо хоҳиши бақайдгирии тамғаи молиро, ки мувофиқи синфҳои мавҷуда гурӯҳбандӣ карда мешаванд, пайдо мекунед. Ин синфҳо ба системаи синфҳои синфбандии тамғаҳои молӣ мувофиқат мекунад.

Системаи синфбандии тамӯаҳои молӣ имконияти нигоҳдории маълумотро дар бораи тамғаҳои молии бақайдгирифташуда ба тартиб ва мувофиқ ба синфбандии молҳо ва хизматрасониҳо медиҳад, ки ин бениҳоят ҷустуҷӯи иттилоотро дар базаи маълумот доир ба тамғаҳои молӣ осон мегардонад. Бақайдгирии тамғаҳои молӣ барои ҳамаи синфҳо ва хизматрасониҳо, ки нисбати онҳо шумо мехоҳед тамғаро истифода баред, бениҳоят муҳим аст.

Системаи васеъ истифодашавандаи синфбандӣ Синфбандии байналмилалии молҳо ва хизматрасониҳо (бо номи Синфбандии молҳо ва хизматрасониҳои Нисса барои бақайдгирии тамғаҳо) ба ҳисоб меравад, ки аз 34 синфи молҳо ва 11 синфи хизматрасониҳо иборат аст. Маълумоти муфассалтар доир ба системаи Синфбандии Нисса дар Замимаи II дода шудааст. Инчунин ниг. http:// wipo.int/classifications/en/nice/about/.

**Масалан:** :
Молҳо чигуна синфбандӣ карда мешаванд? Мисолро дида мебароем. Агар ширкати Шумо корд ва қошуқ истеҳсол мекунад, он гоҳ арзномаи Шумо барои бақайдгирии тамғаи молӣ бояд бо нишондоди молҳои дахлдори синфи 8 тартиб дода шаванд. Аммо агар Шумо хоҳиши истеҳсоли дигар асбобҳои ошхонаро (ба мисли зарфҳо, тезпазонакҳо ва ё дегҳо) бо истифодаи ҳамон тамғаи молӣ дошта бошед, шумо бояд онро инчунин нисбати молҳои дахлдори синфи 21 ба қайд гиред. Дар баъзе аз кишварҳо омодасозии арзномаи алоҳида барои ҳар як синф ба миён меояд, дар вақте ки дар дигар кишварҳо, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мумкин аст дар як арзнома якбора якчанд арзнома нишон дода шавад.



## Оё барои пешниҳоди арзнома намояндаи патентӣ зарур аст?

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мисли аксарияти кишварҳо, муроҷиат ба хизматрасониҳои ҳатмии намояндаи патентӣ барои пешниҳоди арзнома талаб карда намешавад ва шумо метавонед арзномаро мустақилона пешниҳод намоед. Аммо хизматрасонии намояндаи патентӣ, ки таҷрибаи гузаронидани ҷустуҷӯро доир ба тамғаҳои молӣ молӣ дошта бо нозукиҳои раванди бақайдгирии тамғаҳои молӣ шинос аст, мумкин аст бо мақсади сарфи вақт, кафолатдиҳӣ, ки шумо синфҳои даҳдори молҳоро дуруст нишон додед ва ба хотири нагирифтани рад дар бақайдгирӣ аз рӯи асосҳои мутлақ, истифода бурда шавад. Агар Шумо барои бақайдгирии тамғаи молӣ хориҷ аз кишвар арзнома пешниҳод намудед, он гоҳ ҳатман истифодабарии хизматрасонии намояндаи патентӣ, ки дар ин кишвар умр ба сар мебарад талаб карда мешавад.

Идора доир ба тамғаҳои молӣ метавонад ба Шумо маълумотро (иттилоотро) доир ба зарурияти намояндаи пешниҳодшуда будан, инчунин рӯйхати расман ба айдгирифташудаи намояндагони патентиро пешниҳод намояд(ниг. Замима 1).

## Дар муддати чанд вақт тамғаи моли ҳифз карда мешавад?

Гарчанде мӯҳлати амали бақайдгирӣ тағйир меёбад, дар аксарияти кишварҳо тамғаи молии бақайдгирифташуда ба муддати 10 сол ҳифз карда мешавад. Мӯҳлати амали бақайдгирии тамғаи молӣ ба миқдори номаҳдуд (чун қоида ҳар 10 сол) ба шарти саривақт пардохт намудани боҷҳо барои тамдиди мӯҳлат мумкин аст тамдид карда шавад. Пешбинӣ намоед, ки дар ширкати Шумо шахси масъул барои саривақт тамдид намудани бақайдгирии тамғаи молӣ дар ҳамаи кишварҳо бошад, ки манфиатҳоро барои корчалонии шумо.

## Истифодабарии ташкилоти махсусгардонидашуда барои сохтани тамғаи молӣ

Омодасозии тамғаи молӣ аз раванди эҷодӣ иборат аст. Дар аксарияти кишварҳо муаллифи он бевосита ҳуқуқи муаллифиро ба асарҳои эҷодӣ ва ё бадеӣ, ба мисли ороиши бадеии тамғаи молӣ ба даст меорад. Бинобар ин, агар сохтани тамғаи молӣ ба ташкилоти махсусгардонидашуда супориш дода шавад, бояд масъалаҳои ба ҳуқуқи муаллиф вобастабуда тариқи созишнома ҳал карда шаванд ва ё боварӣ ҳосил карда шавад, ки ҳуқуқи муаллиф ба тамғаи молӣ ба ширкати шумо вогузор карда мешавад.

## Оё амали тамғаи молии бақайдгирифташуда ба дигар кишвар паҳн карда мешавад?

Ҳуқуқе, ки дар натиҷаи бақайдгирии тамғаи молӣ пайдо мешавад, чун қоида, аз рӯи ҳудуде, ки дар он пешниҳод шудааст маҳдуд аст. Бинобар ин бақайдгирии оддии тамғаи молии амалкунанда дар ҶТ, ҳуқуқро танҳо дар ҳудуди он пешниҳод менамояд, ғайр аз ҳолатҳое, ки агар тамға маъруф ба ҳисоб равад, аммо барои амали онҳо дар ҳудуди кадом як кишвар, онҳо бояд чунонки дар ҳудуди ин кишвар амал мекунанд, эътироф карда шавад (иитиллот дар бораи тамғаҳои маъруф ниг. Ба поён дар саҳифаи 16).

## Андеша намудани ҳифзи тамғаи молӣ дар хориҷа зарур аст?

Ҳамаи сабабҳои асосӣ барои бақайдгирии тамғаи молӣ дар ҶТ ба фуруши маҳсулоти шумо дар бозорҳои хориҷӣ низ истифодабаранда аст. Бинобар ин хуб мешуд тамӯаи молӣ дар хориҷа ба қайд гирифта шавад, агар шумо дар айни замон ба амалиёти содироти машғул бошед ва ё нияти дар

ояндаи наздик ин кооро карданӣ бошед. Содироти молҳои тамғаи молиро бар дӯши худ гиранда, ки қобилияти фарққунандагӣ доранд, имконияти ҷудо намудани маҳсулоти содиротии шуморо дар бозорҳои хориҷӣ дода, ба ширкат барои пайдо намудани обру дар байни истеъмолкунандагони хориҷӣ шароити фароҳам меорад, ки ин метавонад ба зиёдшавии даромади ширкати шумо оварда мерасонад.

## Тамғаи молиро дар хориҷа чӣ гуна метавон ба қайд гирифт?

Агар ширкати Шумо дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда бошад ва шумо тамғаи молии ширкатро дар Тоҷикистон ба қайд гирифта бошед ва дар айни замон нияти амалиёти содиротӣ ва додани иҷозатномаро барои истифодабарии тамғаи молӣ дар дигар кишвар дошта бошед, он гоҳ тавсия дода мешавад, ки тамғаи молиро дар хориҷа ба қайд гиред.
Барои ин се роҳи асосӣ вуҷуд дорад:

**Тартиби миллӣ:** ширкати шумо метавонад ба идораи тамғаҳои молии ҳар як кишвар, ки дар он шумо мехоҳед ҳифзи тамғаи молии худро ба даст оред, бо роҳи пешниҳоди аризнома ба забони дархостшуда ва пардохти боҷи зарурӣ, мурочиат намояд.Чи тавре ки пештар қайд шуда буд, ҳар як кишвар метавонад зарурияти истифодабариро аз хизматрасонии намояндаи патентии ин кишвар баён намояд

**Тартиби минтақавӣ:** агар шумо дар кишварҳое, ки аъзои системаи минтақавии тамғаҳои молӣ ба ҳисоб мераванд, ба даст овардани ҳифзро хоҳед, шумо метавонед бақайдгирии тамғаи молиро, ки дар ҳудуди ҳамаи дигар кишварҳо, бо роҳи пешниҳоди аризнома дар идораҳои минтақавии дахлдор амал мекунанд, ба даст оред. Ба қатори идораҳои минтақавии тамғаҳои молӣ дохил мешаванд:

- Идораи африқоии минтақавии моликияти саноатӣ.
- Идораи тамғаи молии Бенилюкс
- Идора оид ба мутобиққунонии бозори дохилии Иттиҳоди европоӣ
- Ташкилоти африқоии моликияти зеҳнӣ.

**Тартиби байналмилалӣ:** Бинобар сабабе ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қатори давлатҳо-иштирокчии Системаи Мадрид дохил мешавад ва тамғаи молии Шумо ба қайд гирифта шудааст ва ё Шумо барои бақайдгирӣ аризнома пешниҳод намудаед, метавонед Системаи Мадридро барои бақайдгирии тамғаи молӣ дар зиёда аз 70 кишвар-иштирокчии ин система истифода баред (функсияҳои маъмурии онро СУМЗ ба ҷо меорад)

## Бартариятҳои истифодабарии Системаи Мадрид

Бартариятҳои асосии истифодабрии Системаи Мадрид аз он иборат аст, ки дорандаи тамғаи молӣ метавонад тамғаи молии худро дар ҳамаи кишварҳ-иштирокчии система бо роҳи пешниҳоди:

- як аризномаи байналмилалӣ;
- ба як забон;.
- бо пардохти як боҷ ва бо риояи мӯҳлатҳои муқарраршуда, ба қайд гирад.

Баъд аз ин бақайдгирии байналмилалӣ мумкин аст тариқи тартиби ягона ба даст оварда ва а тамдид карда шавад.

Иттилооти бештари дақиқро дар бораи бақайдгирии байналмилалии тамғаҳои молӣ шумо метавонед ё аз идораи миллии тамғаҳои молии кишвари худ ва ё тариқи веб-сайти ВОИС бо суроғаи зерин: www/wipo/int/madrid ба даст оред. Рӯйхати ҳамаи давлатҳо-иштирокчии Системаи Мадрид дар Замимаи II оварда мешавад

# 3. Намуди тамғаҳо

| | |
|---|---|
| Тамғаҳои молӣ | Тамғаҳое, ки барои фарққунии тамғаҳои муайян аз молҳои истеҳсолкардаи дигар муассисаҳо истифода бурда мешавад. |
| Тамғаҳои хизматрасонӣ | Тамғаҳое, ки барои фарққунии хизматрасониҳои муайян аз хизматрасониҳое, ки дигар муассисаҳо пешниҳод мекунанд, истифода бурда мешавад. |
| Тамғаҳои коллективӣ | Тамғаҳое, ки барои фарққунии молҳо ва ё хизматрасониҳое, ки аъзоёни ассосиатсия истеҳсол мекунанд ва пешниҳод менамоянд.. |
| Тамғаҳои шаҳодатномавњ | Тамғаҳое, ки барои фарққунии молҳо ва ё хизматрасониҳо, ки мувофиқ ба стандартҳо буда ба он мақомоти шаҳодат номадиҳанда шаҳодатнома додааст. |
| Тамғаҳои маъруф | Тамғаҳое, ки дар бозор маъруф ба ҳисоб мераванд ва дар натиҷаи ин ҳифзи устувортаре ба даст меоранд |

## Тамғаи хизматрасонӣ чист?

Тамғаи хизматрасонӣ аз рӯи моҳияти худ ба тамғаи молӣ хеле монанд аст. Ҳар дуи онҳо аломатҳое ба ҳисоб мераванд, ки қобилияти фарққунандагӣ доранд. Тамғаҳои молӣ барои фарққунонии молҳои як ширкат аз молҳои дигар ширкат хизмат мерасонанд, тамғаҳои хизматрасонӣ бошад ҳамон вазифаҳоро нисбати хизматрасониҳо иҷро мекунад. Хизматрасониҳо метавонанд ҳархела бошанд, йа мисли молиявӣ, бонкӣ, саёҳӣ, рекламавӣ ва ё хизматрасонӣ доир ба ташкили хӯрокворӣ ва ғайра. Тамғаҳои хизматрасонӣ мумкин аст ба қайд гирифта шаванд, тамдид карда шаванд, беэътибор дониста шаванд, бегона карда шаванд ва тибқи иҷозатнома аз рӯи ҳамон шартҳо ва ҳамон тартиб, ба мисли тамғаҳои молӣ вогузор карда шаванд.

**Масалан:**

NatWest

Чоп шудааст бо иҷозати:
National Westminster Bank Plc

## Тамғаи молии коллективӣ чист?

Чун қоида, дорандаи тамғаи коллективӣ ассосиатсия ва ё дигар муассисаи муттаҳида, ки аъзоёни онҳо метавонанд тамғаҳои молиро ҳангоми фуруши маҳсулоти худ истифода баранд, ба ҳисоб мераванд. Ассосиатсия як қатор талаботро ба истифодабарии тамғаи молӣ (масалан, стандартҳои сифат) муқаррар менамояд ва ба ширкатҳои алоҳида имконияти истифодабарии ин тамғаро, агар онҳо ингуна стандартҳоро риоя намоянд, пешниҳод менамояд. Тамғаҳои коллективӣ  усули босамари фурӯши  якғояи майсулоти  гурӯҳҳои корхонаҳо шуда метавонанд, ки ба йар кадоми онйо дар алоҳидагӣ мумкин аст офаридани  там аи хусусии худ мушкил бошад ва кадоме, ки аз тарафи истеъмолкунанда эътироф карда мешуд (шуда бошад) ва/ё аз тарафи та  симкунандаҳои асосӣ истифода бурда шудааст.

**Масалан:** The Melinda collective mark is used by the 5200 members of the 16 apple-producing cooperatives working in Valle di Non and Valle di Sole (Italy) who established the Melinda Consortium in 1989.

Чоп шудааст бо иҷозати: Melinda Consortium

## Тамғаҳои молии шаҳодатномавӣ чист?

Тамғаҳои шаҳодатномавӣ бо мақсади мувофиқатии стандартҳои муайян истифода бурда мешавад, аммо онҳо бо кадом як аъзогарӣ маҳдуд нестанд. Онҳоро метавонад ҳар як шахс, ки маҳсулоташон бо стандартҳои муқарраршуда мувофиқанд, истифода баранд. Дар аксарияти кишварҳо фарқи асосӣ байни тамғаҳои коллективӣ ва шаҳодатномавӣ дар он аст, ки якумашро метавонанд танҳо гуруҳи муайяни муассисаҳо, яъне аъзоёни ассоциатсияҳо истифода баранд, дар замоне ки тамғаҳои шаҳодатномавиро метавонанд ҳар як шахс, ки стандартҳои муқаррарнамудаи дорандаи тамғаҳои шаҳодатномавиро риоя менамояд, истифода баранд.

Талаботи муҳим ба тамғаҳои шаҳодатномавӣ аз он иборат аст, ки арзномадеҳ барои бақайдгирии он, бояд

**Мисол:** Рамзи Woolmark там аи молии ба айдгирифташудаи (сертификатшудаи) ширкати Woolmark мебошад. Рамзи Woolmark кафолати сифатро нишон медиҳад ва маънои онро дорад, ки ба майсулотҳое, ки ин рамз истифода бурда мешавад, аз пашми навъи 100% тайёр карда шудааст ва ба таснифӣои атъҷ ва муайяншудаи ширкати Woolmark мутоби мебошад. Ӯ зиёда дар 140 давлат ба айд гирифта шудааст ва йу у и ба ӯ истифодабарҷ бо иғозатнома (литсензия) ба ба тайёркунандагон дар 67 давлат, ба маҳсулоте, ки ин андозаи (стандарти) сифатро қаноъатманд менамояд, дода шудааст.

Чоп шудааст бо иҷозати: The Woolmark Company

## Тамғаҳои маъруф чист?

"Тамғаҳои маъруф" – ин тамғаҳое мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори кишвар (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шурои шикоятии ММПИ ба ҳисоб меравад), ки дар он ҳифзи тамға дархост карда мешавад, ҳамчун тамғаи маъруф эътироф карда шудаанд. Чун қоида, тамғаҳои маъруф ҳифзи бештар устуворро истифода мебаранд. Масалан, тамғаҳои маъруф ҳатто дар ҳолате ҳифз карда мешаванд, ки агар онҳо ба қайд гирифта нашуда бошанд (ва ё дар ин қаламрав истифода нашуда бошанд).

Ғайр аз ин, ҳатто ҳифзи тамғаҳо одатан барои ҳифз аз тамғаҳои то дараҷаи омехташавӣ монанд дар он ҳолат пешниҳод карда мешавад, агар онҳо нисбати молҳои шабеҳ ва ё яккела истифода бурда шавад, тамғаҳои маъруф аксар вақт аз тамғаҳои то дараҷаи омехташавиашон монанд, ки ҳатто нисбати молҳои гуногун ба шарти риояи талаботи муайян истифода бурда мешаванд, ҳифз карда мешаванд. Мақсади асосии чунин ҳифзи устувор пешгирии истифодабарии ғайриқонунии обруи тамғаи молии маъруф ва ё расидани зарар ба маъруфият ва обруи он ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон ягон тамғаи молии Ҷумҳурии Тоҷикистон маъруф шуморида нашудааст.

**Масалан:** Фарз кардем, ки «WONDERCOLA» - ин тамғаи молии нӯшокии маъруфи фараҳбахш аст. Дар ин ҳолат «Wondercola Inc.» ҳифзи пешниҳодшударо дар ҳамон кишварҳое, ки дар онҷо тамғаҳои маъруф ҳифзи устуворро истифода мебаранд ва ин тамға нисбати нӯшокиҳои фараҳбахш хеле хуб машҳур аст, мустақилона истифода мебаранд. Ҳифз инчунин ба молҳо ва хизматрасониҳои гуногун паҳн мешавад, агар баъзе аз шартҳо риоя карда шаванд. Яъне, агар дигар ширкат бо истифода аз тамғаи «WONDERCOLA» барои фурӯхтани молашро дар бозор аз футболка сар карда то айнакҳои зидди офтоб қарор барорад, вай бояд аз Wondercola Inc. иҷозат пурсад ва ё таваккал карда шикояти судиро барои қонунвайронкунии тамғаи моли зидди худ интизор гардад.

# 4. Истифодабарии тамғаи молии шумо

## Оё тамғаи молиро бе истифодабарӣ ба қайд гирифтан мумкин аст?

Шумо метавонед то ибтидои истифодабарии тамғаи молӣ барои бақайдгирӣ арзнома пешниҳод намоед, аммо баъзе аз кишварҳо онро то вақте ба қайд намегиранд, ки агар исботи истифодабарии он пешниҳод карда нашавад (масалан ИМА). Дар ҶТ пешниҳоди исботи истифодабарии тамғаи молӣ ба мақсадҳои бақайдгирии давлатии он талаб карда намешавад. Дар аксарияти ҳолатҳо тамғаи молӣ, ки баъди бақайдгирӣ дар муддати мӯҳлати муайян истифода бурда нашудааст (чун қоида аз 3 то 5 сол), инчунин мумкин аст аз феҳрист хориҷ карда шавад. Дар ҶТ ин мӯҳлат се солро ташкил медиҳад.

### TM ва ё ®?

Истифодабарии ® TM, SM (дар ҶТ ® ва ё R истифода бурда мешавад) ва ё аломати баробарии он дар қатори тамғаи молии шумо талаботи ҳатмӣ ба ҳисоб намеравад ва чун қоида ҳифзи ҳуқуқии иловагӣ пешниҳод наменамояд. Ба ҳар ҳол, ин усули осони ба дигар шахсон хабар додан аст, ки ин аломат тамғаи молӣ ба ҳисоб меравад ва аз ҳуқуқвайронкунӣ ва шахсоне, ки ба сохтакорӣ мешғуланд огоҳ мекунад. Аломати ® баъд аз ба даст овардани бақайдгирии тамғаи молӣ, дар ҳолате, ки TM нишон медиҳад, ки ин аломат тамғаи молии истифодабурдашуда ба ҳисоб меравад (вале ба қайд гирифта нашудааст), истифода бурда мешавад . Для знаков обслуживания иногда используется символ SM.

www.wipo.int/sme/

## Тамғаи моллиро дар реклама чи гуна бояд истифода бурд?

Агар тамғаи молии шумо ба қайд гирифта шуда бошад ва аз унсурҳои тасвири ва ё ҳуруфот иборат бошад, боварӣ ҳосил намоед, ки тамғаи молӣ маҳз дар ҳамон намуде, ки ба қайд гирифта шуда буд, истифода бурда мешавад. Истифодабарии онро бодиққат назорат баред, чунки ин барои нигоҳдории обруи маҳсулоти ширкати шумо хеле муҳим аст. Инчунин аз истифодаи унсури вожавии тамғаи молӣ ҳамчун исм ва ё феъли оддӣ даст кашед чунки онро истеъмолкунанда ба сифати истилоҳе, ки дар истеъмолоти умум барои аломатгузории молҳои намудҳои муайян ворид шудаанд, қабул накунад.

## Оё истифодабарии ҳамон як тамғаи молӣ барои молҳои гуногун мумкин аст?

Ширкатҳо метавонанд тамғаҳои молии гуногунро барои самҳои гуногуни маҳсулоти худ истифода баранд. Вобаста аз стратегияи гардиши бренд, ҳар як ширкат дар бораи он қарор қабул менамояд, ки ягона тамғаи молиро барои ҳамаи маҳсулоти худ истифода бурда, амали онро аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли молҳои нав паҳн намояд ва ё тамғаи молии гуногунро барои ҳар як самти маҳсулоти худ истифода барад.

Истифодабарии аллакай вуҷуддоштаи бренд нисбати маҳсулоти нав имконияти истифодабарии бартариятҳои аллакай мавҷудаи обру ва эътибори тамғаро медиҳад. Аммо истифодабарии тамғаи нав, маҳсулоти нави аниқтар вуҷуддошта, инчунин метавонад фоидаовар бошад ва ба ширкатҳо имконияти ба самти дуруст равона кардани маҳсулоти худ ба гурӯҳи муайяни истеъмолкунанда (масалан, кӯдакон, наврасон ва ғайра) фароҳам орад ва ё ба намуди нави маҳсулот обруи нав диҳад. Аксарияти ширкатҳо инчунин ба сохтори бренди нав дар омехта бо аллакай вуҷуддошта рӯ меоранд. (NUTELLA® бештар якҷоя бо FERRERO истифода бурда мешавад)




NUTELLA® Чоп шудааст бо иҷозати:Ferrero S.p.A.

Ширкатҳои гуногун стратегияҳои гуногунро истифода мебаранд. Новобаста аз интихоби Шумо, бояд боварӣ ҳосил намуд, ки тамғаи молӣ нисбати ҳамаи молҳо ва ё хизматрасониҳо, ки барои онҳо истифода бурда мешавад ва ё истифодабарӣ пешбинӣ шудааст.

## Ҳангоми истифодабарии тамғаи молӣ дар Интернет чиро бояд дар назар дошт?

Истифодабарии тамғаи молӣ дар Интернет як қатор масъалаҳои ҳуқуқиро, ки нисбати онҳо ягон қарори оддӣ ва ё ягона вуҷуд надорад, ба миён овард. Яке аз масъалаҳои муҳим барои он ба вуҷуд меояд, ки ҳуқуқ ба тамғаи молӣ хусусияти ҳудудӣ дорад (яъне онҳо танҳо дар ҳудуди ҳамон кишваре, ки дар он тамғаи молӣ бақайд гирифта шудааст ва истифода бурда мешавад, ҳифз карда мешавад), дар ҳоле ки Интернет шабакаи умумиҷҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳангоми ба танзим даровардани баҳсҳо дар байни шахсон ва ширкатҳое, ки дорандаи баробарҳуқуқи тамғаҳои молии то дараҷаи омехташавӣ ба ҳа монанди нисбати молҳо ва хизматрасониҳои шабеҳ ва якхела дар кишварҳои гуногун ба қайд гирифта шудаанд, мушкилиҳоро ба миён меорад. Қонунгузорӣ дар ин соҳа дар йани замон омода шуда истодааст ва кишварҳои гуногун роҳҳои гуногунро барои ҳалли ин масъала истифода мебаранд.



## Номи домен чист ва он ба тамғаи молӣ чӣ муносибат дорад?

Масъалаи дигари ҷиддии вобаста ба зиддияти байни тамғаи молӣ ва номи доменҳо. Номҳои доменҳо – ин суроға дар Интернет, ки одатан барои ҷустуҷӯи веб-сайтҳо истифода бурда мешавад. Масалан, номи домении «wipo.int» барои ҷустуҷӯи веб-сайтҳои СУМЗ аз рӯи суроғаи http://www.wipo.int. Истифода бурда мешавад. Бо гузашти вақт ноҳои домени ба ишораҳои фардикунонии ширкатҳо мубаддал гаштаанд бинобар ин бо тамғаҳои молӣ дар зиддият ҳастанд.

Аз ин хотир ҳангоми интихоби номи доменҳо муҳим он аст, ки домен тамғаи моле, ки ба дигар ширкат дахл дорад, ба ҳисоб намеравад, хусусан тамғаи молии маъруф ба ҳисоб намеравад. Ин барои он рух медиҳад, ки дар аксарияти кишварҳо қонунгузории миллии ва ё судҳо бақайдгирии тамғаҳаи молӣ, ки ба дигар ширкатҳо ва шахсон дахл доранд, ба сифати домен, ҳамчун вайронкунии ҳуқуқ ба тамғаи молӣ, машҳур ҳамчун «киберсквоттинг», баррасӣ менамоянд. Агар ин ҷой дошта бошад, он гоҳ ба муассиса муяссар мегардад, ки на танҳо ҳуқуқро ба истифодабарӣ вогузор намояд ва ё номи домениро бекор намояд, балки зарари овардашударо ҷуброн намояд ва ё ҷаримаи калон пардохт намояд.

Барои муқаррар намудани далели мавҷудияти ҳифзи истилоҳи муайян, шумо метавонед бевосита ба идораи миллӣ ва ё минтақавии тамғаҳои молӣ, ки аксарияти онҳо ба базаҳои маълумотии тамғаҳои молӣ, барои гузаронидани ҷустуҷӯ тариқи Интернет дастрасӣ доранд, муроҷиат намоед. Рӯйхати чунин базаҳои маълумотӣ дар сомонаи СУМЗ вуҷуд дорад: http://ecommerce.wipo.int/databases/trademark/index.html

Аз дигар тараф, агар тамғаи молии ба ширкати Шумо дахлдор дар номи доменӣ истифода бурда шавад ва ё аз ҷониби дигар шахсон ва ё ширкатҳо бо «киберсквоттингу» рӯбару шавад, он гоҳ шумо метавонед барои пешгирии чунин ғайриқонунӣ истифодабарӣ, вайронкунии ҳуқуқи ширкататон, аз ҷумла, тариқи муроҷиат ба суд, чораҳо андешед. Ғайр аз ин дар чунин ҳолатҳо яке аз вариантҳо мумкин аст тартиби машҳури пешниҳоднамудаи СУМЗ доир ба танзимдорорӣ дар низоми баҳсҳои кушод (онлайн), ки ба номҳои доменҳо дахл доранд: http://arbiter.wipo.int/domains/. Истифода бурда шавад. Ин саҳифаи сомонаи СУМЗ намунаи муроҷиати намунавииро доир ба чунин баррасӣ, инчунин ишораҳоро доир ба ҳазорҳо парвандаҳои аллакай баррасишуда, ки бо номҳои доменӣ алоқаманданд, дорад.

## Оё барои истифодабарии тамғаи молӣ ба дигар ширкатҳо иҷозатнома додан мумкин аст?

Иҷозатнома барои истифодабарии тамғаҳои моллиро метавонад ба шумо дигар ширкатҳо ва ё муассисаҳои фардӣ диҳад. Дар он ҳолат, дорандаи тамғаи молӣ ҳуқуқи истисноиро ба тамғаи молӣ нигоҳ дошта танҳо барои истифодабарии тамғаро ба як ва ё якчанд муассисаҳои фардӣ медиҳад. Ин одатан дар заминаи пардохти ҳисобиҳои литсензионӣ (роялти) амалӣ карда мешавад ва бо гирифтани

розигии дорандаи тамғаи молӣ бо назардошти шартҳое, ки дар созишномаи иҷозатномадиҳӣ гуфта мешавад, алоқаманд аст. Вобаста аз хусусияти созишнома литсензиар (тарафи иҷозатномадиҳанда) аксар вақт аз тарафи худ дараҷаи муайяни назоратро барои фаъолияти литсензиат (тарафи иҷозатномагир) барои кафолати риояи сифати маҳсулоти литсензионӣ нигоҳ медорад.

Дар таҷриба иҷозатнома барои истифодабарии тамғаҳои молӣ аксар вақт дар доираи созишномаҳои бештар васеъ, яъне созишнома дар бораи консессияи тиҷоратӣ (фрашизе, франчайзинге) ва ё созишнома, ки иҷозатномагирӣ ва дигар ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла патентҳо, ноҳау ва расонидани кӯмаки техникӣ дар истеҳсоли маҳсулоти муайянро пешбинӣ менамояд, дода мешавад. Шартномаи иҷозатномавӣ доир ба пешниҳоди ҳуқуқ ба истифодабарии тамғаи молӣ ҳатман бояд дар идораи патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба қайд гирифта шуда боҷи аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқарраркардашуда пардохт карда шавад. Бе чунин бақайдгирӣ шартнома беэътибор дониста мешавад.

### Созишнома доир ба франшизе бо тамғаи молӣ чӣ алоқа дорад?

Одатан иҷозатномадиҳии тамғаи молӣ шарти асосии созишнома дар бораи франшизе (консессияи тиҷоратӣ) ба ҳисоб меравад. Дар созишномаҳо доир ба франшизе дараҷаи назорат аз тарафи дорандаи тамғаи молӣ барои иҷрои созишнома одатан баландтар аст, назар ба ҳолатҳои созишнома оид ба иҷозатномадиҳии тамғаҳои молӣ. Дар ҳолати франшизе, дорандаи он ба гирандаи франшизе иҷозат медиҳад системаи бурдани намуди муайяни фаъолияти онро (аз ҷумла тамғаҳои молӣ, ноу-хау, хизматрасонии мизоҷон, таъминоти барномавӣ, ороиши майдонҳои корӣ ва тибқи талаби дорандаи франшиз дар мубодила бо мукофотҳои дар созишнома

**Мисол:** Тарабхонае, ки таомҳои мурғӣ пешкаш менамояд, тамғаи молии худ «NANDO'S»- ро истифода мебарад. Аз тарафи онҳо низоми (тартиби) тайёр кардан ва фурӯши маҳсулоте, ки ба миқдори зиёд ва дар намуди муайян фурӯхта мешавад, тайёр карда мешавад. Ин низом (тартиб) омилҳои гуногунро, ки сабаби пешрафти тарабхонаҳои муассисаҳои «NANDO'S»-ро дарбар мегирад, инчунин (аз ҷумла) дастур(рецепт) ва услуби тайёр кардани таомҳои баландсифат, зебосозии либосҳои яккелаи хизматчиҳо, биноҳо(манзилгоҳ), борбандӣ, низоми идоракунӣ ва ҳисобкунӣ. «NANDO'S» ба гирандаи франшиз дониш ва таҷрибаи худро меомӯзад ва ба худ ҳуқуқи иҷро намудани назорат ва нигаҳбониро мегузорад. Хусусияти қисмати асосии шартнома оиди франшиз, ин ба гирандагони (дарьёфткунандагони) он истифодаи тамғаҳои молии «NANDO'S» иҷозат дода мешавад ва ба вазифа ҳисоб карда мешавад.



Чоп шудааст бо иҷозати:Nando's Group Holdings Ltd

### Оё нисбати фуруш ва ё вогузории ҳуқуқи дигар ширкатҳо ба тамғаи шумо ягон маҳдудият вуҷуд дорад?

Дар тамоми ҷаҳон имконияти фурӯш ва вогузории ҳуқуқ ба тамғаи молӣ алоҳида аз ширкат, ки ба он тааллуқ дорад, васеъ паҳн гаштааст. Дар ҳолати фурӯш ва ё вогузории ҳуқуқ ба тамғаи молӣ, мумкин аст пешниҳоди нусхаи созишнома ва ё қисмҳои онҳо ба идораи тамғаи молӣ талаб карда шавад.

### Оё бақайдгирии хато каме тағйироти тамғаи молӣ зарурат дорад?

Аксарияти тамғаҳои молӣ, аз ҷумла бештар тамғаҳои маъруф, бо гузашти вақт каме тағйир меёбанд ва ё бо мақсади пайдо намудани обруи замонавӣ ва ё мутобиқшавӣ ба воситаҳои нави рекламавӣ рушд меёбанд. Тамғаҳо метавонанд тағйир ёбанд ва мутобиқ шаванд, аммо ширкати шумо бояд бодиққат бошад ва бо идораи тамғаи молӣ ва ё намояндаи патентӣ доир ба он ки ин тағйирот пешниҳоди аризномаи нав ва пардохти боҷи дахлдорро талаб менамояд, маслиҳат намояд.



fiShell

## 5. Ҳифзи ҳуқуқӣ ба тамғаҳои молӣ

### Дар ҳолати тамғаи молиро бе иҷозати шумо истифодабарии дигар шахсон чӣ бояд кард?

Зарурияти гузаронидани корҳо доир ба ҳифзи ҳуқуқии тамғаи молӣ, асосан ба дорандаи ҳуқуқ (дорандаи тамғаи молӣ) вогузор карда шудааст. Маҳз ба ширкати Шумо, ҳамчун дорандаи тамғаи молӣ, ҳуқуқи пайдо намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳалли чораҳои андешидашаванда барои ҳифзи ҳуқуқии шумо, дода шудааст.

Агар шумо донед, ки касе ҳуқуқи шуморо ба тамғаи молӣ вайрон карда истодааст, ҳамеша гирифтани маслиҳати мутахассис фоидаовар аст. Ҳуқуқшинос, ки дар соҳаи моликияти зеҳнӣ мутахассис аст, ҳамон шахси манфиатдор аст, ки дар бораи дар кишвари шумо ва кишварҳои ба ҳам наздик вуҷуд доштани молҳои қалбакӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ ва имконияти кушодани парванда муқобили онҳо ба шумо иттилоъ медиҳад ва доир ба чораҳои вуҷуддошта барои ҳифзи ҳуқуқии шумо маслиҳатҳо медиҳад.

Агар шумо бо ҳуқуқвайронкунӣ бо тамғаи молии худ во хӯрдед, мумкин аст аз фиристодани мактуби шикоятӣ (машҳур бо номи "мактуб доир ба манъи давом додани амали ғайриқонунӣ"), ки ба суроғаи ҳуқуқвайронкуни гумонбар фиристода мешавад ва доир ба имконияти вуҷуд доштани чунин ҳуқуқвайронкунӣ хабар дода мешавад, шурӯъ намоед. Барои омодасозии матни мактуб аз хизматрасонии мутахассис доир ба тамғаҳои молӣ истифода бурда шавад.

Агар муассисаи Шумо ин ҳуқуқвайронкуниро қасдан ҳисоб кунад ва ҷои вуҷуд доштани муассиса - ҳуқуқвайронкунандаро донад, метавонад чораҳои ба ҳуқуқвайрокунанда ногаҳониро бо роҳи бо ёрии ҳуқуқшинос додани иҷозатнома барои тафтиш ва ҳабси маҳсулоти қалбакӣ (одатан онро судҳои дахлдор ва ё мақомоти корҳои дохилӣ медиҳанд) барои гузаронидани рейдҳо бидуни огоҳии пешакӣ ба ин ширкат, шахсони ҳуқуқвайронкун андешад.

Мақомоти судӣ метавонад ҳуқуқвайронкуниро маҷбур созад то ки доир ба шахсияти одамони ба истеҳсолот алоқаманд ва паҳнкунии маҳсулоти қалбакӣ, доир ба каналҳои паҳнкунии он ба шумо хабар диҳад. Ба сифати воситаи самарабахш, ки ҳуқуқвайронкуниро огоҳ мекунад, мақомоти судӣ тибқи хоҳиши шумо, метавонанд доир ба нест кардан ва ё аз савдо гирифтани маҳсулоти қалбакӣ бе додани ягон хел ҷуброн, супориш диҳанд.

Бо мақсади пешгирии содирот ва воридоти молҳои қалбакӣ, ғайриқонунӣ аломатгузории тамғаҳои молӣ, мақомоти гумрукии кишвар дар сарҳади давлатӣ чораҳоро доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои дорандаҳои тамғаҳои молӣ меандешанд. Дорандаи тамғаи молӣ ба ҳисоб рафта, ширкати шумо метавонад аз кӯмаки мақомоти гумрукӣ ҳангоми сарҳадро гузаштани маҳсулоти қалбакӣ, яъне то он вақте ки мол ба кишвар ворид мешавад, истифода барад. Кӯмак аз тарафи мақомоти гумрукӣ аз дорандаи ҳуқуқ иҷрои як қатор амалҳои аввалияро талаб менамояд: пешниҳоди арзномаи дахлдор, пардохти маблағҳои пешбинишуда, ворид намудан ба феҳристи гумрукии объектҳои моликияти зеҳнӣ, барои чизе ки шумо бояд ба мақомоти гумрукӣ муроҷиат намоед.

Дар баъзе ҳолатҳо воситаи самарабахши мубориза бо ҳуқуқайронкуниҳо арӣитраж ва ё миёнаравӣ ба ҳисоб меравад. Арбитраж, чун қоида, бартарияти муайн дорад, камтар расман ба ҳисоб меравад, тартиби кӯтоҳтар ва арзонтар нисбат ба баҳсҳои судӣ, қарори арбитражӣ бошад иҷрояш дар сатҳи байналмилалӣ осонтар мебошад. Бартарияти миёнаравӣ аз он иборат аст, ки тарафҳо назоратро аз болои раванди танзими баҳсҳо нигоҳ медоранд. Аслан, баҳс метавонад дар нигоҳдории муносибатҳои корӣ бо дигарон, ки ширкати шумо дар ҳамкории оянда манфиатдор аст, кғмак расоанд. Нисбати иттилооти иловагӣ доир ба масъалаҳои арбитраж ва миёнаравӣ ниг. ба сомонаи Маркази СУМЗ доир ба арбитраж ва миёнаравӣ:

**http://arbiter.wipo.int/center/index.html**

## Замимаи I Барои ба даст овардани иттилооти оянда шумо метавонед ба сомонаҳои зерини муфид муроҷиат намоед:

Нисбати дигар ҷанбаҳои моликияти зеҳнӣ дар ҷанбаҳои корӣ:

- Нисбати дигар ҷанбаҳои моликияти зеҳнӣ дар ҷанбаҳои корӣ: *www.wipo.int/sme*
- Нисбати масъалаҳои умумӣ доир ба тамғаҳои молӣ: *www.wipo.int/about-ip* *www.inta.org* ( Ассоциатсияи байналмилалӣ доир ба тамғаҳои молӣ)
- Нисбати ҷанбаҳои амалии бақайдгирии тамғаҳо ниг. ба рӯйхати сайтҳои идораҳои миллӣ ва минтақавӣ доир ба тамғаҳои молӣ, ки дар Замимаи 1 ва ё http://www.wipo.int/news/en/links/ipo. вуҷуд дорад. *www.wipo.int/directory/en/urls.jsp*
- Нисбати Системаи Мадриди бақайдгирии байналмилалии тамғаҳои молӣ: *www.wipo.int/madrid*
- Нисбати Синфбандии байналмилалии молҳо ва хизматрасониҳо барои бақайдгирии тамғаҳо тибқи Созишномаи Нисса: *www.wipo.int/classifications*
- Нисбати Синфбандии байналмилалии унсурҳои тасвирӣ тибқи Созишномаи Вена: *www.wipo.int/classifications*
- Нисбати баҳсҳои байни тамғаҳои молӣ ва номҳои доменӣ: *www.arbiter.wipo.int/domains* *www.icann.org*.

Нисбати рӯйхати базаи маълумот доир ба тамғаҳои молӣ, ки идораҳои моликияти саноатӣ дар тамоми ҷаҳон кӯмак мерасонад: *www.arbiter.wipo.int/trademark*

## Замимаи II – Суроғаи Интернет

### Идораҳои миллӣ ва минтақавии моликияти зеҳнӣ

| | |
|---|---|
| Созмони моликияти зеҳнии Африқо | www.oapi.wipo.net |
| Алҷазоир | www.inapi.org |
| Албания | www.alpto.gov.al |
| Андорра | www.ompa.ad |
| Аргентина | www.inpi.gov.ar |
| Армения | www.armpatent.org |
| Австралия | www.ipaustralia.gov.au |
| Австрия | www.patent.bmvit.gv.at |
| Баҳрайн | www.gulf-patent-office.org.sa/bahrainframe.htm |
| Барбадос | www.caipo.org |
| Беларус | www.belgospatent.org/english/about/history.html |
| Белгия | www.mineco.fgov.be |
| Белиз | www.belipo.bz |
| Бенилюкс | www.boip.int |
| Бенин | www.oapi.wipo.net |
| Боливиё | www.senapi.gov.bo |
| Ботсван | www.aripo.org |
| Бразилиё | www.inpi.gov.br |
| Булғория | www.bpo.bg |
| Буркина-Фасо | www.oapi.wipo.net |
| Бурунди | www.oapi.wipo.net |
| Камбодҷа | www.moc.gov.kh |
| Камерун | www.oapi.wipo.net |
| Канада | www.opic.gc.ca |
| Ҷумҳурии Африқои маркази | www.oapi.wipo.net |
| Чад | www.oapi.wipo.net |
| Чили | www.dpi.cl |
| Чин | www.sipo.gov.cn |
| Сянган, Ҳонконг (Хитой) | www.ipd.gov.hk |
| Аомун (Макао) (Хитой) | www.economia.gov.mo |
| Хитой (тамҷаіои молҳ) | www.saic.gov.cn |
| Колумбия | www.sic.gov.co |
| Конго | www.oapi.wipo.net |
| Коста-Рика | www.registronacional.go.cr |
| Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ | www.oapi.wipo.net |
| Хорватия | www.dziv.hr |
| Куба | www.ocpi.cu |
| Кипр | www.mcit.gov.cy/mcit/drcor/drcor.nsf |
| Ҷумҳурии Чехия | www.upv.cz |
| Ҷумҳурии демократии Конго | www.oapi.wipo.net |
| Дания | www.dkpto.dk |
| Ҷумҳурии Доминикан | www.seic.gov.do/onapi |
| Миср | www.egypo.gov.eg |
| Салвадор | www.cnr.gobs.sv |
| Эстония | www.epa.ee |
| Созмони патентии авросиёӣ | www.eapo.org |
| Итиходи Авруосиёги ( Идораи хамохангсозии бозори дохили | www.oami.eu.int |
| Финланд | www.prh.fi |
| Фаронса | www.inpi.fr |
| Габон | www.oapi.wipo.net |
| Гамбия | www.aripo.org |
| Гурҷистон | www.sakpatenti.org.ge |
| Олмон | www.dpma.de |
| Гана | www.aripo.org |
| Юнон | www.obi.gr |
| Гондурас | www.sic.gob.hn/pintelec/indice.htm |
| Венгрия/Маҷористон | www.mszh.hu/english/index.html |
| Исландия | www.patent.is/focal/webguard.nsf/key2/indexeng.html |
| Ҳиндустон | www.ipindia.nic.in |
| Индонезия | www.dgip.go.id |
| Ирландия | www.patentsoffice.ie |
| Изроил | www.justice.gov.il |
| Итолиё | www.uibm.gov.it |
| Ямайка | www.jipo.gov.jm |
| Ҷопон | www.jpo.go.jp |
| Ӯрдун | www.mit.gov.jo |
| Қазоқистон | www.kazpatent.org/english |
| Кения | www.aripo.org |
| Қувайт | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Йуміурии Халси Демократии Лаос | www.stea.la.wipo.net |
| Латвия | www.lrpv.lv |
| Лубнон | www.economy.gov.lb |
| Лесото | www.aripo.org |
| Лихтенштейн | www.european-patent-office.org |
| Литва | www.vpb.lt |
| Люксембург | www.etat.lu/ec |
| Малави | www.aripo.org |
| Малайзия | www.mipc.gov.my |
| Мали | www.oapi.wipo.net |
| Мексико | www.impi.gob.mx |
| Монако | www.european-patent-office.org/patlib/country/monaco |
| Монтенгеро | www.yupat.sv.gov.yu |
| Марокаш | www.ompic.org.ma |
| Мозамбик | www.aripo.org |
| Наимбия | www.aripo.org |
| Непал | www.ip.np.wipo.net |
| Нидерланд | www.octrooicentrum.nl |
| Зеландияи Нав | www.iponz.govt.nz |
| Нигер | www.oapi.wipo.net |
| Норвегия | www.patentstyret.no |
| Умон | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Панама | www.digerpi.gob.pa |
| Перу | www.indecopi.gob.pe |
| Филиппин | www.ipophil.gov.ph |
| Полша/Лаҳистон | www.business.gov.pl/Intellectual,property,protection,90.html |

| | |
|---|---|
| Португалия | www.inpi.pt |
| Катар | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Ҷумҳурии Корея | www.kipo.go.kr |
| Ҷумҳурии Молдова | www.agepi.md |
| Руминия | www.osim.ro |
| Федератсияи Русия | www.rupto.ru |
| Арабистони Саудӣ | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Сенегал | www.oapi.wipo.net |
| Сербия | www.yupat.sv.gov.yu |
| Серра-Леоне | www.aripo.org |
| Сингапур | www.ipos.gov.sg |
| Ҷумҳурии Словакия | www.indprop.gov.sk |
| Словения | www.uil-sipo.si/Default.htm |
| Сомалӣ | www.aripo.org |
| Африқои Ҷанубӣ | www.cipro.gov.za |
| Испания | www.oepm.es |
| Судон | www.aripo.org |
| Свазиленд | www.aripo.org |
| Шветсия/Суед | www.prv.se |
| Швейсария | www.ige.ch |
| Сурия | www.himaya.net |
| Тоҷикистон | www.tipat.org |
| Таиланд | www.ipthailand.org |
| Собиқ Ҷумҳурии Югославия-Македония | www.ippo.gov.mk |
| Того | www.oapi.wipo.net |
| Тринидад ва Тобаго | www.ipo.gov.tt/home.asp |
| Тунис | www.inorpi.ind.tn |
| Туркия | www.turkpatent.gov.tr |
| Туркманистон | www.eapo.org |
| Уганда | www.aripo.org |
| Украина | www.sdip.gov.ua |
| Аморати мутаҳидаи Араб | www.gulf-patent-office.org.sa |
| Британиёи Кабир | www.patent.gov.uk |
| Танзания | www.aripo.org |
| Иёлоти Муттаҳидаи Амрико | www.uspto.gov |
| Уругвай | www.dnpi.gub.uy |
| Узбекистон | www.patent.uz |
| Венесуэла | www.sapi.gov.ve |
| Ҷумҳурии Яман | www.most.org.ye |
| Замбия | www.aripo.org |
| Зимбабве | www.aripo.org |

Эзоҳот:
Барои ба даст овардани иттилооти оянда шумо метавонед ба сомонаҳои зерини муфид муроҷиат намоед:

*www.wipo.int/members/en/* and
*www.wipo.int/directory/en/urls.jsp*



# Замимаи III – Nice Classification

## Синфбандии байналмилалии молҳо ва хизматрасониҳо барои бақайдгирии тамғаҳо тибқи Созишномаи Ниссат

### Молҳо

1. Маҳсулоти кимиёвӣ, ки барои истифодабарӣ дар саноат, бо мақсадҳои илмӣ, дар суратгирӣ, кишоварзӣ, боғпарварӣ ва ҷангалпарварӣ пешбинӣ шудаанд; қатронҳои синтетикии коркарднашуда, маводҳои платикии коркарднашуда; поруҳои минералӣ; таркибҳо барои оташхомӯшкунӣ; моддаҳо барои обутобдиҳӣ ва кафшеркунии металлҳо; моддаҳо барои консервонидани маҳсулоти хӯроквории; моддаҳои даббоғӣ; моддаҳои часпак ба мақсадҳои саноатӣ.

2. Рангҳо, олифҳо, локҳо; воситаҳои муҳофизатӣ, ки металлҳоро аз зангзанӣ ва чӯбҳоро аз вайроншавӣ нигоҳ медорад; моддаҳои рангкунанда; тезобҳо; қатронҳои коркарднашудаи табиӣ; металҳои варақӣ ва хокашакл, ки ба мақсадҳои бадеӣ - ороишӣ истифода бурда мешавад.

3. Моддаҳо барои сафедкунӣ ва дигар моддаҳо барои шустушӯй; моддаҳо барои тозакунӣ, пардоздиҳӣ, беравғанкунӣ ва коркарди абразивӣ; собунҳо; мушку анбар, равғанҳои эфирӣ, ороишот, обҳои мушкин барои мӯйҳо, хока ва хамираҳои дандоншӯӣ.

4. Равғанҳо ва молиданиҳои техникӣ; маводҳои молиданӣ; таркибҳо барои фурӯбарӣ, намкунӣ ва чангҷамъкунӣ; сӯзишворӣ (аз ҷумла бензинҳои мотор) ва маводҳои равшанидиҳӣ; шабчароғҳо ва шамъҳо барои равшанидиҳӣ.

5. Моддаҳои дорусозӣ ва бойторӣ; моддаҳои тозагӣ ба мақсадҳои тиббӣ; моддаҳои паҳездорӣ ба мақсадҳои тиббӣ, хӯроки кӯдакон; марҳамҳо, маводҳои банду баст; маводҳо барои пломбакунии дандонҳо ва сохтани қолабҳои дандон; воситаҳои безараркунанда; моддаҳо барои нобудкунии ҷонварони зарарасон; фунгисидҳо, гербисидҳо.

6. Металлҳои оддӣ ва хӯлаҳои онҳо; маводҳои металлии сохтмонӣ; сохтаҳо ва иншооти сайёри металлӣ; маводҳои металлӣ баро роҳҳои оҳан; арғамчинҳо ва ноқилҳои металлӣ (ғайрибарқӣ); сохтаҳои ; қубурҳои металлӣ; сейфҳо; сохтаҳо аз металлҳои оддӣ, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд; маъданҳо.

7. Мошинҳо ва дастгоҳҳо; муҳаррикҳо (ғайр аз барои воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ пешбинишуда); васлакҳо ва унсурҳои ноқилӣ (ғайр аз барои воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ пешбинишуда); олотҳои кишоварзӣ, дигар олотҳо ғайр аз олотҳои идоракуниашон дастӣ; инкубаторҳо.

8. Олат ва асбобҳои дастӣ; сохтаҳои теғдор; шохачаҳо ва қошуқҳо; яроқи сард; риштарошакҳо.

9. Асбобу ускунаҳои илмӣ, баҳрнавардӣ, геодезӣ, суратгирӣ, синамогарӣ, оптикӣ, барои вазнкашӣ, ченкунӣ, ишорадиҳӣ, назорат (тафтиш), наҷотдиҳӣ ва таълим; асбобу ускунаҳо барои интиқол, тақсим, таҳвил, ғункунӣ, танзим ва ё идоракунӣ бо барқ; дастгоҳҳо барои сабт, ирсол, азнавбавуҷудории овоз ва ё тасвир, барандаҳои магнитии иттилоот, гирдаҳои сабти овоз; худкорҳои савдо ва механизмҳо барои дастгоҳҳои пардохташон пешакӣ; хазинадастгоҳҳо, мошинҳои ҳисоббарор, таҷҳизот барои коркарди иттилоот ва компютерҳо; таҷҳизот барои оташхомӯшкунӣ.

10. Асбобу ускунаҳои ҷарроҳӣ, тиббӣ, стоматологӣ ва бойторӣ; дасту пойҳои сунъӣ, чашмон ва дандонҳои сунъӣ; сохтаҳои ортопедӣ; маводҳо барои чокдӯзӣ.

11. Таҷҳизот барои равшанидиҳӣ, гармкунӣ, буғҳосилкунӣ, бо буғ коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, барои хунуккунӣ, хушккунӣ, ҳавоивазкунӣ, обтақсимкунӣ ва санитарию техникӣ.

12. Воситаҳои нақлиёт; дастгоҳҳое, ки дар рӯи замин, об ва ҳаво ҳаракат мекунанд.

13. Яроқи оташфишон, захираҳои ҳарбӣ ва снарядҳо; моддаҳои тарканда; фейерверкаҳо.

14. Металлҳои гаронбаҳо ва х\лаҳои онҳо, сохтаҳо ва ё рӯйкашҳо аз онҳо, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд; сохтаҳои заргарӣ, бижутерия, сангҳои гаронбаҳо; соатҳо ва дигар асбобҳои вақтсанҷ.

15. Асбобҳои мусиқӣ.

16. Қоғаз, картон ва маҳсулот аз онҳо, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд; маҳсулоти чопӣ; маводҳо барои корҳои муқовабандӣ; фотосуратҳо; молҳои қоғазӣ барои навишт; моддаҳои часпак ба мақсадҳои дафтардорӣ ва маишӣ; афзор барои рассомон; мӯқаламҳо; чопмошинҳо ва афзори дафтардорӣ (ғайр аз мебел); маводҳои таълимӣ ва асбобҳои аёнӣ (ғайр аз дастгоҳҳо); маводҳои пластикӣ барои банду баст (ба дигар синфҳо дахлнадошта); ҳуруфот; қолабҳои матбаавӣ.

17. Каучук, резина, гуттаперча, асбест, абрақ ва сохтаҳо аз ин маводҳо, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд; сохтаҳо аз платикҳои қисман коркардшуда; маводҳо барои зичкунӣ ва ногузаркунӣ; қубурҳои ўайриметалии чандир.

18. Чарм ва ивазкунандаҳои чарм, сохтаҳо аз онҳо, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд; пӯсти ҷонварон; сандуқҳои сафарӣ, ҷомадонҳо; чатрҳои боронӣ ва офтобӣ, асочатрҳо; қамчинҳо, афзори асп ва сохтаҳои сарроҷӣ.

19. Маводҳои ғайриметалии сохтмонӣ; қубурҳои сахти ғайриметаллӣ ба мақсадҳои сохтмонӣ; асфалт, қатрон ва битум; сохтаҳо ва иншооти ғайриметалии сайёр; ҳайкалҳои ғайриметаллӣ..

20. Мебел, оина, чорчӯбаҳо барои суратҳо ва ғайра.; сохтаҳое, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд, аз чӯб, пӯкҳо, қамчш, найшакар, бед, шох, устухон, устухони фил, мӯйлаби кит, косахонаи сангпушт, садаф, қаҳрабо, кафки баҳрӣ, аз ивазкунандаҳои ин маводҳо ва ё пластикҳо

www.wipo.int/sme/



21. Асбобу анҷомҳо ва зарфҳои хона ва ошхона (ғайр аз металлҳои гаронбаҳо сохташуда ва бо рӯйкашҳо андудашуда); шонаҳо ва исфанҷҳо; чӯткаҳо (ғайр аз муқаламҳо); маводҳо барои сохтаҳои чӯткагӣ; таҷҳизот барои тозакунӣ ва рубучин; лифҳои металлӣ; шишаҳои коркарднашуда ва ё қисман коркардшуда (ғайр аз шишаҳои сохтмонӣ); сохтаҳо аз шишаҳо, фарфор ва фаянс, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд.

22. Арғамчинҳо, ресмонҳо, канабҳо, тӯрҳо, палаткаҳо, бомҳо, брезент, бодбонҳо ва халтаҳо, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд; маводҳои оканда (ғайр аз маводҳои резинӣ ва пластикӣ); ашёи хоми нахмонанди бофандагӣ.

23. Риштаҳо ва калобаҳои бофандагӣ.

24. Матоъҳо ва маҳсулоти бофандагӣ, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд; кӯрпаҳо, рӯпушҳо ва дастархонҳо.

25. Либос, пойафзол, каллапӯшҳо.

26. Маҳсулоти нақшин ва гулдӯзӣ, тасмаҳо; тугмаҳо, тугмаҳои часпак, чангакҳо ва сӯзанакҳо ва сӯзанҳо; гулҳои сунъӣ.

27. Қолинҳо, бурёҳо, матҳо, линолеум ва дигар рӯйкашҳо барои фаршҳо; зардевориҳо ва маводҳои оканда, ғайрибофандагӣ.

28. Бозиҳо, бозичаҳо; молҳои гимнастикӣ ва варзишӣ, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд; ороиши арча.

29. Гӯшт, моҳӣ, гӯшти парранда ва сайд; ҷавҳарҳои гӯшт; мева ва сабзавоти консервонидашуда, хушккардашуда ва бо гармӣ коркардшуда; желе, мураббо, компотҳо; тухм, шир ва маҳсулоти ширӣ; равған ва чарбуҳои хӯрокӣ.

30. Қаҳва, чой, какао, шакар, биринҷ, тапиока (маниока), саго, ивазкунандаҳои қаҳва, орд ва маҳсулоти ғаллагӣ, маҳсулоти нонӣ, шириниворӣ, яхмос; асал, шира аз патока; хамиртуруш, хокаҳои нонпазӣ; намак, хардал; сирко, хӯришҳо; доруворки хӯрока; яхи хӯрокӣ.

31. Маҳсулоти кишоварзӣ, боғпарварӣ-полезкорӣ, маҳсулоти ҷангал ва ғалладонагӣ, ки ба дигар синфҳо дахл надоранд; сумалак.

32. Оби ҷав; обҳои маъдпнӣ ва дигар нӯшокиҳои беалкогол; нӯшокиҳои мевагӣ ва шарбатҳои мевагӣ; афшура ва дигар таркибҳо барои тайр намудани нӯшокиҳо.

33. Нӯшокиҳои алкоголӣ (ғайр аз оби ҷав).

34. Тамоку, афзори тамокукашӣ; гӯгирд.

## Хизматрасонӣ

35. Реклама; менеҷмент дар соҳаи корчалонӣ; фаъолияти маъмурӣ дар соҳаи корчалонӣ; хадамоти дафтардорӣ.
36. Реклама; менеҷмент дар соҳаи корчалонӣ; фаъолияти маъмурӣ дар соҳаи корчалонӣ; хадамоти дафтардорӣ.
37. Сохтумон; таъмир;ҷобаҷогузории таҷҳизот.
38. Телекоммуникатсия.
39. Ҳамлу нақл; борбандӣ ва нигоҳдории молҳо; ташкили саёҳатҳо.
40. Коркарди маводҳо.
41. Тарбия; таъминоти раванди таълим; фароғат; ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ-равшаннамоӣ.
42. Хизматрасониҳои илмӣ ва технологӣ ва тадқиқот ва коркардҳои илмие, ки ба онҳо дахл доранд; хизматрасонӣ доир ба таҳлили саноатӣ ва тадқиқоти илмӣ; кокард ва такмили таъминоти техникӣ ва барномавии компютерҳо; хадамоти ҳуқуқӣ.
43. Хизматрасонӣ доир ба таъминимаҳсулоти хӯрока ва нӯшокиҳо; таъминоти зисти муваққатӣ.
44. Хизматрасонии тиббӣ; хизматрасонии бойторӣ; хизматрасонӣ дар соҳаи гигиена ва ороишӣ барои одамон ва ҳайвонот; хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ, боғпарварӣ ва ҷангалпарварӣ.
45. Хизматрасонии фардӣ ва маишӣ, ки ба дигарон барои қаноат намудани талаботи фардии шахсон расонида мешавад; хадамоти бехатарӣ барои ҳифзи амвол ва шахсони алоҳида.

Дар ҳолати июл соли 2011 иштирокчиёни Созишномаи Нисса 83 давлат буданд. Онҳо Синфбандии Ниссаро бо мақсади бақайдгирии тамғаҳои молӣ қабул карданд ва истифода мебаранд.

Эзоҳот:
Барои ба даст овардани иттилооти оянда шумо метавонед ба сомонаҳои зерини муфид муроҷиат намоед:

*www.wipo.int/classifications/fulltext/nice8/enmain.htm* and *www.wipo.int/madrid/en/contact.html*

www.wipo.int/sme/



## Замимаи IV

### Тарафҳои Созишномаи Мадрид доир ба бақайдгирии байналмилалии тамғаҳо ва Протоколи Мадрид ба Созишномаи Мадрид (дар ҳолати то июни соли 2011)

Австралия (П)
Австрия (С&П)
Албания (С&П)
Алҷазоир (С)
Антигуа ва Барбуда (С)
Арманистон (С&П)
Баҳрайн (П)
Беларус (С&П)
Белгия (С&П)
Босния ва Герсоговина (С&П)
Ботсван (П)
Британиёи Кабир (П)
Булғория (С&П)
Бутан (С&П)
Венгрия/Маҷористон (С&П)
Ветнам (С&П)
Гана (П)
Гурҷистон (П)
Дания (П)
Замбия (П)
Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (П)
Исроил (П)
Ирландия (П)
Исландия (П)
Итолиё (С&П)
Испания (С&П)
Итиходи аврупоҳ (С)
Қазоқистон (С&П)
Кения (С&П)
Кипр (С&П)
Қирғизистон (С&П)
Куба (С&П)
Латвия (С&П)
Лесото (С&П)
Либерия (С&П)
Литва (П)
Лихтенштейн (С&П)
Люксембург (С&П)
Мадагаскар (П)
Марокаш (С&П)
Миср (С&П)
Мозамбик (С&П)
Монако (С&П)
Монтенгеро (С&П)
Муғулистон (С&П)
Наимбия (С&П)
Нидерланд (С&П)
Норвегия (П)
Озарбойҷон (С&П)
Олмон (С&П)
Полша/Лаҳистон (С&П)
Португалия (С&П)
Руминия (С&П)
Сан-Марино (С&П)

Сан-Томе ва Принсипҳ (П)
Свазиленд (С&П)
Сербия (С&П)
Серра-Леоне (С&П)
Сингапур (П)
Словения (С&П)
Собиқ Ҷумҳурии
Югославия-Македония (С&П)
Судон (С&П)
Сурия (С&П)
Тоҷикистон (С&П)
Туркия (П)
Туркманистон (П)
Украина (С&П)
Умон (П)
Узбекистон (П)
Фаронса (С&П)
Федератсияи Русия (С&П)
Финландия (С&П)
Хорватия (С&П)
Чин (С&П)
Шветсия/Суед (П)
Швейсария (С&П)
Эстония (П)
Юнон (П)
Ҷопон (П)
Ҷумҳурии Исломии Эрон (С&П)
Ҷумҳурии Корея (П)
Ҷумҳурии Молдова (С&П)
Ҷумҳурии Словакия (С&П)
Ҷумҳурии Чехия (С&П)
Ҷумҳурии Халқии
Демократии Корея (С&П)

С - маънои иштирокчии Созишномаро дорад (56)

П - маънои иштирокчии Протоколро дорад (84)

Китобчаи мазкур мумкин аст бо миқдори нусхаи зарурӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи

734042, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, д.14-а.
Телефон: 8 (99237) 221-47-60,
телефон/факс 8 (99237) 221-71-54,
почтаи электронӣ: info@ncpi.tj

дархост карда шавад.

Барои иттилооти оянда ба **Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ** муроҷиат намоед:

Суроға::
34, chemin des Colombettes
P.O. Box 18
CH-1211 Geneva 20
Switzerland

Телефон:
+41 22 338 91 11

Факс:
+41 22 733 54 28

Почтаи электронӣ:
wipo.mail@wipo.int

Ва ё Бюро доир ба ҳамоҳангсозӣ дар Ню-Йорк:

Суроға:
2, United Nations Plaza
Suite 2525
New York, N.Y. 10017
United States of America

Телефон:
+1 212 963 6813

Факс:
+1 212 963 4801

Почтаи электронӣ:
wipo@un.org

Нигаред ба веб-саҳифаи СУМЗ:
www.wipo.int

инчунин мағозаи электронии Сумз: :
www.wipo.int/ebookshop

Ва ё дар Шӯъбаи МСП:

Суроға:
34, chemin des Colombettes
P.O. Box 18
CH-1211 Geneva 20
Switzerland

Факс:
+41 22 338 87 60

Почтаи электронӣ:
sme@wipo.int

Web page:
www.wipo.int/sme

**Рақами нашри ММПИ** 254
**Ноябри с. 2011**

Barbara Hintermann Geneva